
Тоҷикӣ
Ш 93
114013



А. Шукӯҳӣ

ОБ АЗ КУЧО МЕОЯД?

А. Шукӯҳӣ




ОБ АЗ КУЧО МЕОЯД?

ПОВЕСТЬ



НАШРИЁТИ
„ИРФОН"
Душанбе 1969





МОҲИ АСАД

Аз ҳама гармтарин моҳ кадом аст? Моҳи июль.

Деҳқонон моҳи июльро моҳи асад меноманд.

Дар ҳамин моҳ ҳамаи меваҳо мепазанд.

Дар деҳаи Лаклакон бачагон чунин месароянд:

Дар моҳи асад
Олу мепазад.
Мечинем аз он
Мо сабад-сабад

Аммо ин суруд ба Асад, ки ҳоло шашсола аст, тамоман маъқул нест. Ба фикри ӯ, бачагон гӯё ин дубайтаро барои масхара кардани ӯ месароянд. Фақат Самад, ки ҳамсоли Асад буда, онҳо ҳам-

сояи девордармиён мебошанд, ин сурудро намехонад. Бинобар он онҳо дӯсти наздиканд ва ҳама вақт ҳамроҳ бозӣ мекунанд. Асаду Самад бачаҳои хеле қобил ва дидадаро мебошанд ва онҳоро ҳама вақт падару модарони бачаҳои шӯху якрав ба фарзандони худ ҳамчу намуна нишон медиҳанд.

Имрӯз аз пагоҳ ҳаво хеле гарм буд. Дар ҳавои гарм аз ҳама машғулияти форамтар чист? Албатта, оббозӣ! Самад монанди ҳаррӯза ба ҳавлии Асадино омад. Аммо дар ҷӯй об набуд. Бинобар он онҳо дар болои қуми нами ҷӯй нишаста ба бозӣ машғул шуданд. Дар болои қум кӯчаҳои нав, каналу ҷӯйборҳои нав месохтанд.

Сагчаи гӯшбуридаи Асад, ки номаш ҳам Калта буд, ба бозии бачаҳо нигоҳ карда, гӯё дилаш танг мешуд ва ҳар боре ҷасту хез карда, онҳоро ба даводавӣ даъват мекард. Аз байн қариб як соат гузашт. Ногоҳ шилдир-шилдири об ба гӯш расид. Асаду Самад ҳарду беихтиёр ба ақиб нигоҳ карданд.


— Ура! Об омад! — Хурсандона фарьёд карданд онҳо ва зуд куртаҳои худро кашида дарундаруни об давидан гирифтанд.

Ба Калта ин кори бачаҳо хеле маъқул шуд. Мурғҳое, ки дар таги анор, якпоя рост истода пичир-пичиркунон ба ҳам гӯё сӯҳбат мекарданд, аз ғалоғулӣ ва ҷастухези Калта хӯсида, ба тарафи ҷӯ нигоҳ карданд.

Мурғҳо махлуқи хеле аҷибанд. Ҳаво ҳар қадар гарм шавад ҳам, онҳо оббозӣ кардан намехоҳанд.

— Барои чи мурғҳо оббозӣ намекунанд? — Пурсид Самад.

— Метарсанд, ки либосашон тар мешавад, — ҷавоб дод Асад.



— Охир, ҳаво гарм, зуд хушк мешаванд. Биё, ба онҳо оббозиро ёд медиҳем, сонӣ мурғобиҳо барин обро, ки диданд, ба об даромадан мегиранд,— маслиҳат дод Самад.

— Аввал ба хурӯс ёд додан даркор. Хурӯс — раиси онҳо. Агар вай сар кунад, дигар мурғҳо ҳам ёд мегиранд,— илова кард Асад.

Ин фикр ба ҳардуи онҳо маъқул шуду зуд аз паси хурӯс давиданд. Хусусан Калта бо завқи тамом хурӯсро пеш мекард. Аммо доштани хурӯс кори осон набуд. Бачаҳо аз даводавӣ монда шуданд. Ҳатто Калта забони худро як вақаб берун бароварда, тез-тез нафас мегирифт.

— Хурӯс ганда, бефаҳм. Мурғи чипорро медорем,— таклиф кард Самад.

Асаду Самад мурғи чипорро зуд дошта оварда, ба об ғӯтонданд. Аммо мурғ ба ин кор ҳеҷ розӣ на-

буд ва болупар зада доду фиғон мекард. Хурӯс ба болои танӯр баромада, болҳои худро ба ҳам зада овозҳои гуногун мебароварда ва гӯё тамоми мурғҳои деҳа ва одамонро ба ёрӣ даъват мекард.

Асаду Самад ба оббозӣ доштани мурғи чипор машғул буданд. Аммо доду фиғони мурғҳо модари Асадро водор кард, ки бо дасти хамиролуд аз айвон берун барояд. Вай дар он ҷо хамир мекард.

— Аҳа, ин чӣ номаъқулӣ? — гуфт ӯ кори Асаду Самадро дида,— чаро мурғро азоб медиҳед? Сар диҳед!

— Мо мурғро оббозӣ медорем, аз гармӣ мурда истодаасту оббозӣ намекунад,— гуфт Асад.

— Мурғ моҳӣ не.

— Хола, мурғ оббозӣ накунад, баданаш чиркин намешавад-мӣ? — пурсид Самад.

Модари Асад табассуме карду гуфт:

— Не, вай баданашро бо хок тоза мекунад. Хокбозии вай оббозию оббозиаш ҳам хокбозӣ.

Бачаҳо мурғро сар доданд. Вай зуд болу пари худро афшонда ба назди хурӯс давида рафт. Хурӯс бошад, дар атрофи вай чарх зада, қуд-қуд кунон гӯё мегуфт: «ана, дидӣ, ман модари Асадро ҷеғ зада туро халос кардам, ман набошам, ҳаром мемурдӣ...»

Модари Асад боз ба айвон даромада рафт. Дар ин вақт Мошон як калламуши калонро аз кунҷо дошта омада, дар болои заминкан бароварда хӯрд ва бо кайфи тамом мӯйлабҳояшро лесидан гирифт.

— Биё, Мошонро оббозӣ медорем,— гуфт Самад.

Бачаҳо аз паси Мошон давиданд. Аммо Калта аз паси Мошон давидан нахост. Чунки вай аз Мошон метарсид. Ҳамин хел баъзе сагчаҳо аз гурба

метарсанд ё натарсанд ҳам бо онҳо ҳазлу шухӣ кардан намехоҳанд.

Мошон аз одам намегурехт. Асаду Самад ӯро зуд дошта ба лаби ҷӯ оварданд. Аммо Мошон ҳам ба об даромадан намехост. Бинобар ин Асад аз ду пои пеш ва Самад аз ду пои ақибаш маҳкам дошта ба об ғӯтонданӣ шуданд. Мошон аз нияти бачаҳо пай бурда якбора бо тамоми қувват зӯр зад ва дасти Асаду рӯи Самадро харошида хуншор карду халос шуда гурехт.


Асаду Самад баробар гирьяро бардоштанд. Калта бошад, бо ду пои оқибаш нишаста, чашмонашро милт-милткунон ба онҳо нигоҳ мекард ва гӯё мегуфт: «нагуфтам, ки ба лаънатии Мошон кордор нашавед, вай ҳазлро намедонад».

Овози гирьяро шунида, боз модари Асад аз айвон давида омад ва аз воқеа огоҳ шуда, ба ҷои ин ки Мошонро коҳиш кунад, гуфт:

— Аҷаб кардаст, ҷудо хуб шудааст-дия. Кӣ ба шумо ёд дод, ки гурбаро оббозӣ доред? Ана, ҷазоятонро дидед. Кай ақли шумоён медарояд-а? Бо ин аҳвол соли оянда чӣ хел ба мактаб меравед? Одам ба гулҳо, ба ниҳолҳо бояд об диҳад на ин ки гурбаю мурғро оббозӣ дорад.

Ба болои сӯхта намакоб гуфтагӣ барин, модари Асад ҷойҳои гурба харошидаро шуста, йод молид. Самад бо лабу лунҷи овезон ба хонаашон рафт. Асад бошад, ба Мошон, ки ба лаби бом омада минг-минг мекард, муштташро нишон дод. Калта ҳам тарафи Асадро гирифта се бор ба Мошон «ав-ав-ав» гуфт.

Мошон бо Асаду Самад «ҷангӣ» шуд.



ДАҲОНИ НИҲОЛ ДАР КУҶО?

ӯзи дигар ба ҷӯй об наомад. Асаду Самад дар таги ток сайру гашт карда, аз байни алафҳо малах қапида ба қуттии гӯгирд меандохтанд, то ки Мошонро зиёфат карда, оштӣ шаванд. Вақте ки қуттии гӯгирд аз малах пур шуд, онҳо зуд ба назди Мошон, ки дар таги анор бо дасташ рӯяшро шуста менишаст, давида омаданд. Мошон ба Асаду Самад ҳанӯз бо чашми шубҳа нигоҳ мекард ва тайёр буд, агар бачаҳо боз андаке наздик шаванд, гурехта халос шавад.

Асад аз қуттии гӯгирд як малахи нимкуштаро гирифта ба тарафи Мошон ҳаво доду гуфт:

Мошони мо, Мошони мо,
Шав як нафас меҳмони мо
Бар ту хӯрок овардаем,
Аз зери ток овардаем.
Ма, ин малахро хӯрда боз
Бо мо накун ҷангу ароз.

Аммо малахро Мошон бӯ карду нахӯрд. Балки вай бо бачаҳо умуман оштӣ шудан намехост? Не, не, вай монанди Калта малах намехӯрд.

Малахро дида мурғҳо давида омаданд ва бо иштиҳои том хӯрдан гирифтанд. Мурғҳо, аз он ҷумла мурғи Чипор, зуд бо бачаҳо оштӣ шуданд. Фақат хурӯс дуртар истода ба Асаду Самад бадбад нигоҳ мекард, ки ба ногоҳ ин зиёфат барои ба дом афтондани ӯ набошад.

Офтоб ба қиём омада, ҳаво гарм шуд. Асаду Самад ташна монда ба айвон даромада об нӯшиданд. Вақте ки онҳо берун баромаданд, чашмонашон ба ниҳолчаи себ афтод, ки баргҳояш пажмурданамо метобид.

— Ба он ниҳол об диҳем-чӣ? — ба ангушт ишора кард Самад,— бечора дар зери офтоби сӯзон хуб ташна мондагист.

Асад зуд сатилчаеро ёфта, об оварда ҳарду ба назди ниҳолча рафтанд.

— Даҳони ниҳол дар куҷояш? — пурсид Асад.


— Даҳони ниҳол дар пояш — ҷавоб дод Самад.

— Аз ин мебарояд, ки даҳони ту ҳам дар поят будааст-дия,— бо тамасхур гуфт Асад.

— Хайр, даҳони ниҳол дар куҷо?

— Даҳон ҳама вақт дар сар мешавад. Даҳони одам, гурба, саг, мурғ дар куҷо? Дар сарашон. Ҳамаи онҳо сарашонро хам карда об мехӯранд.

— Хайр, ниҳол чӣ хел карда об мехӯрад?



Асад андаке хаёл карду ҷавоб дод:

— Ниҳол аз борон об мехӯрад. Вай даҳонашро кушода ба осмон нигоҳ карда меистад. Ҳоло борон ки нест, бечора ташна мондааст.

— Биё, набошад сарашро хам карда об медиҳем.

Онҳо дукаса ниҳолро хам карданӣ шуданд. Аммо вай хеле боқувват буд ва хам шудан намехост.

— Ист,— гуфт Асад,— ман ҳисобашро ёфтам,— ва зуд ба танаи ниҳол дудаста часпида баромадан гирифт. Ҳар қадаре, ки ӯ болотар мебаромад, ниҳол ба ҳамон андоза ба замин хам мешуд. Оқибат сари ниҳол омада ба замин расид.

— Даҳонашро ёфтӣ? — пурсид Асад ниҳолро бо вазни худ дошта истода.

— Даҳонаш нест-ку... фақат шоху барг.

Дар ҳамин вақт модари Асад давида омада, фарьёд кард:

— Ин чӣ ҳунари нав-а?... Акнун ниҳолшиканӣ баромад-мӣ?

Асад зуд ниҳолро сар дода, ду-се қадам ақиб рафт, ки модараш назанад. Ниҳол рост шуд.

— Мо ниҳолро шикастанӣ не, об доданӣ — узрхоҳона шарҳ дод Самад.

— Барои ин хам кардан чӣ даркор?

— Даҳони ниҳолро ба об наздик карданӣ будем,— илова кард Асад.

Аз ин ҷавоб дар рӯи модари Асад табассум давид.

— Даҳони ниҳол дар сараш не, балки дар пояш, дар решааш — гуфт ӯ. Агар об доданӣ бошед, ба тагаш об резед. Дигар ниҳолро хам накунед.— Модари Асад боз аз паси кори худ рафт.

— Ана, дидӣ, гапи ман рост будааст,—бо фахр гуфт Самад.

Асад мулзам шуда таклифи нав пешниҳод намуд:

— Биё, решаашро кофта, даҳонашро мебинем.

Ҳама вақт фикри нав завқи нав мебахшад.

Асад рафта аз рӯи ҳавлӣ каландчаи худро ёфта омад. Ҳар ду навбат ба навбат замини зери ниҳолро кофтан гирифтанд. Аз таги ниҳол аввал як кирми калон баромад, ки ба чашми гӯсола монандӣ дошт. Бачаҳо тарсида чанд қадам дуртар рафтанд. Аммо хурӯс, ки то ин вақт аз дуртар ба кори бачаҳо нигоҳ мекард, калон-калон қадам монда омаду кирмро зуд гирифта гурехт ва ду бор бо нӯлаш заду фурӯ бурд. Хурӯс ва умуман ҳамаи мурғҳо аз кирм, калтакалос, каждум ва ҳатто аз мор ҳам ҳеҷ наметарсанд. Балки онҳоро дошта мехӯранд.

Бачаҳо аз нав омада таги ниҳолро кофтан ги-

рифтанд. Решаҳои ниҳол намоён шуд, аммо дар онҳо ягон сӯрохии ба даҳон монанде набуд. Асаду Самад саргарми машғӯлияти худ шуда надониста монданд, ки чи хел падари Асад ба сари онҳо пайдо шуда монд.

— Ҳа, саркорҳо, чи кор карда истодетон? Чаро ниҳолро решаков мекунед? Маъқул нашуд-мӣ? — гуфт ӯ.

Асаду Самад дасту по хӯрда сари худро боло карданду чанд сония шах шуда монданд.

— Мо,— гуфт ниҳоят ҷуръат карда Самад,— ба даҳони ниҳол об рехтанӣ будем. Холаам гуфтанд, ки даҳони ниҳол дар сараш нею дар пояш.

Падари Асад аввал хандиданӣ шуд, аммо худро нигоҳ дошту ба таври ҷиддӣ гуфт:

— Ин хел бошад, кифоя. Акнун обро резеду хокро ба ҷояш кашед. Ниҳол ба шумо раҳмат мегӯяд ва соли оянда себҳои ширин ҳадья мекунад. Дар кучо будани даҳони ниҳолро ман ба шумо фаҳмонда медиҳам. Канӣ, вақти хӯрокхӯрӣ ҳам шуд. Рафтем, йигитҳо.

Бачаҳо ба зери ниҳол обро рехта, хокро ба ҷояш кашиданд ва ба хӯроки нисфирӯзӣ рафтанд.

Дар ҳавои гарм, вақте ки одам шӯрбои гарм мехӯрад, ҳаво аз будаш ҳам гармтар менамояд. Бинобар ин пас аз хӯрдани шӯрбо Самад гуфт:


Агар об меомад, як оббозӣ мекардем.

— Биё, об кушода мебиёему оббозӣ мекунем.

— Аз кучо?

— Аз ҳавлии Тоҳирбобо.

Асад каландчаи худро гирифт. Онҳо ба назди обмӯрӣ рафтанд, то ин ки ба ҳавлии Тоҳирбобо гузаранд. Аммо дар обмӯрӣ аз чӯб панҷара сохта



буданд, ки аз он ҳатто мурғҳо ҳам гузашта наметавонистанд.

Самадино аз тарафи рост ва Тоҳирбобо аз тарафи чап бо Асадино ҳамсоя буданд: Об ба ҳавлии Асадино аз тарафи Тоҳирбобо меомад. Тоҳирбобо, ки ба нафақа баромада буд, дар ҳавлии худаш ба обчакорӣ машғул мешуд. Бодиринг, помидор, ҳандалаки аввалин дар ҳавлии ӯ мепухт. Бинобар ин ӯ душмани мурғ буд. Мурғҳо найчаҳои бодирингро ҳанӯз калон нашуда мехӯрданд, ба помидорҳо нӯл мезаданд.

Вақте ки Асаду Самад ва аз паси онҳо Калта, ба ҳавлии Тоҳирбобо аз дари кӯча даромаданд, Тоҳирбобо дар болои суфа, дар таги ток чой хӯрда менишаст. Ӯ бачаҳоро дида зуд аз мақсади онҳо пай бурд:

— Ҳа, барои обкушоӣ омадед?

— Ҳа, барои обкушоӣ.

— Имрӯз об наомад.

— Об аз куҷо меояд?— ҳайрон шуда пурсид Асад. ӯ гумон мекард, ки сари об ҳавлии Тоҳирбобо аст.

— Об аз ҳавлии Бурҳони биҳӣ меояд.

Лаб-лаби ҷӯ рафтан гиред, меёбед,— ҷавоб дод Тоҳирбобо.


Бачаҳо аз ҳавлии Тоҳирбобо баромада дарундаруни ҷӯ рафтан гирифтанд ва баъд аз даҳ дақиқа ба ҳавлие расиданд, ки аз рӯи гуфти Тоҳирбобо ин ҳавлии Бурҳони биҳӣ буд.

Бурҳони биҳӣ! Шояд ҳавлии ин одам биҳизор бошад, ё ба биҳипарварӣ ном бароварда аст, ки ба охири номи ӯ калимаи биҳиро ҳамроҳ карда буданд.

Ба ҳавлии Бурҳони биҳӣ аз обмӯрии поёни боғ даромадан мумкин буд. Ин корро аввал бо тамоми мамнуният Калта ба ҷо оварда. Сагҳо, умуман, аз обмӯрӣ гузаштанро нағз мебинанд. Баъди он Асад каландчаи худро аз обмӯрӣ ба дарун тела дода, худаш гавак кашида гузашт.

Дар омади гап гуфтан даркор аст, ки Асад бачаи харобак ва қамиш барин борику дароз буд. Самад бошад, баръакс тарбуз барин лӯб-лӯндаи фарбеҳ. Вақте ки Самад аз обмӯрӣ гузаштанӣ шуд, масъала ранги дигар гирифт. Ӯ дар обмӯрӣ дармонд. Асад ёрӣ доданӣ шуда, дасти Самадро дошта кашола кардан гирифт. Аммо Самад чун пӯки ба даҳони шиша зада шуда, ноҷунбон шуда монд. Акнун вай на ба берун баромада метавонисту на ба боғ даромада.

Обмӯрӣ гӯё ӯро аз чор тараф бо тамоми қувва фишор медод. Самад вазъияти худро фаҳмида, ба гирья даромад.



Соҳиби боғ — Бурҳони биҳӣ бохабар шуда давида омад. Вай аввал Асадро дида, ба дӯғу пӯписа сар кард.

— Ҳо, шайтони дупо, ба анҷирдуздӣ ѻмадӣ? Ту писари кӣ?

Самад аз тарси он, ки соҳиби боғ акнун онҳоро мезанад, дандон ба дандон монда дар обмӯрӣ хомӯш меистод.

— Не, амак, мо барои обкушой омадем. Самад дармонд.

— Ана,— Асад рости гапро гуфта Самадро нишон дод.

Бурҳони биҳӣ аввал ба аҳволи Самад қоҳ-қоҳ зада хандиду сонӣ рафта як чӯби обмӯриро андаке бардошта, Самадро кашола карда гирифт.

— Канӣ, росташро гӯед, барои чӣ омадед? Саволи худро аз нав такрор кард Бурҳони биҳӣ.

— Барои обкушой;— баробар бо сари хам ҷавоб доданд бачаҳо. Чашми Бурҳони биҳӣ ба каландчаи Асад афтид ва аз қаҳр фаромада худ ба худ гуфт:

— Вақте ки ду бача як гапро мегӯяд, рост аст.

Бурҳони биҳӣ Асаду Самадро бо анҷир зиёфат намуда таклиф кард, ки анор пазад, ба анорхӯрӣ биёянд.

— Амак,— далер шуда ба сари мақсад омад Асад,— дар ҳавлии шумо ҳам об нест-ку? Об аз кучо меояд?

— Об аз таги Шохтут меояд. Аҷаб не, дар он ҷо ба пахтазор баста бошанд. Бачаҳо вақте ки аз дари ҳавлии Бурҳони биҳӣ берун мебаромаданд, ба хотири Самад расид, ки ин одамро Бурҳони биҳӣ мегӯянд. Аммо онҳо дар боғи ӯ биҳиро надиданд. Бинобар он бе ихтиёр пурсид:



— Амак, биҳӣ кай мепазад?

Якбора Бурҳони биҳӣ қариб девона шуд. Ӯ бо анҷирҳои дар дасташ буда ба сару рӯи бачаҳо зада, бо ҳақорату дашном ба тарафи онҳо давид. Бачаҳо гурехта халос шуданд.

Маълум мешавад, ки Бурҳони биҳӣ аз биҳӣ қимоб будааст. Дар дуньё одамони аҷиб бисьёранд. Яке аз биҳӣ, дигаре аз зардолу, сейӯме аз тухм, чорӯме аз пиёз ва ҳоказо қимобанд. Агар ягон кас беихтиёр номи меваи онҳо қимоб бударо ба забон гирад, ба ғазаб меоянд. Аз ин хел ғазабнокшавӣ дигарон кайф карда механданд.

Бурҳон Мақсудов агрономи колхоз аст. Аммо ӯ аз хурдӣ биҳиро бад медид. Ҳар касе биҳӣ хӯрад, баданаш вижжос зада мерафт. Аммо дар ҳавлиашон ду бех биҳӣ буд, ки падараш шинонда буданд. Рафиқонаш дар сӯҳбату ҷамъомадҳо даркору но-

даркор биҳиро ном мегирифтанд. Вақте ки биҳӣ мепухт, бачаҳо ё одамони аз ин сир бехабарро ба назди Бурҳон мефиристониданд, ки биҳӣ пурсанд. Кор ба ҷое расид, ки Бурҳон ду бех биҳии худро решакан карда партофт ва бо ҳамин лақаби «Биҳӣ» ба ӯ абадӣ часпида монд.

Бурҳони биҳӣ ба Асаду Самад аз дур мушташиро нишон дода таҳдид мекард. Калта ду бор «ав-ав» карда ба ӯ ҷавоб гардонд. Калта ҳамин хел ба ҳар касе ки мушт кашад, ак-ак мекунад.

Бачаҳо лаб-лаби ҷӯ ба тарафи Шоҳтут раҳсипор шуданд.



ДЕВ, ШАЙТОН Ё АҶИНА?

о таги Шоҳтут бо обраҳаи танге, ки дар бисьёр ҷояш аҷириқ рӯида буд, рафтан лозим меомад. Аз тарафи чап ҷӯи чуқур ва аз тарафи рост девори баланди похса тӯл мекашид. Ана, дар ҳамин пайраҳаи танг, кадом як бепарво буққаи калони худро мех карда, баста буд.

Вақте, ки Калта пеш-пеш ва аз паси он Асаду Самад наздик омаданд, буққа аз ҷои худ хест ва бо пои пешаш як-ду бор хокро гирифта ба таги шикамаш пошид. Баъд гардани худро хам карда, гӯё шоххояшро нишон медода бошад, аввал ду бор хокро чунон пуф кард, ки аз замин гарду чанг хест. Бо ин буққа гӯё фаҳмонданӣ буд, ки аз ин ҷо гузаштан наметавонанд. Бо вуҷуди ин Калта аз таги девор давида гузашт. Буққа бо тамоми қувва ҳамла карда, ӯро бо шоххои чун антенаи хонагии телевизор

рост, вале кӯтоҳу ғафси худ ба девор пахш кардан хост. Агар Калта чаққонӣ намекард, ҷо ба ҷо мемурд.

Бачаҳо ҳайрон шуда истода монданд. Буққа бештар ба ғазаб омада, тайёрӣ медид, ки агар ин дафъа ҳатто гурба давида гузарад ҳам, ҳамлааш хато намехӯрад.

Чӣ бояд кард? Охир ягон кори беилоҷ нест. Оқибат Асад ҳисобашро ёфт. Бачаҳо ба ақиб рафта, аз ғишшаи тут як бағал — як бағал барг канда оварданд. Буққа хӯроки бомаззаро дида, бо забонаш лабу бинии худро лесидан гирифт.

Баргро бачаҳо ба тарафи ҷӯ ҳаво доданд. Буққа сари худро хам карда, ҳарисона машғули хӯрокхӯрӣ шуд. Асаду Самад аз таги девор гузашта рафтанд.

Таги Шоҳтут ҷои хеле аҷоиб будааст. Аз зери шоҳтути калони сершоху барг се ҷӯ ба се тараф мерафт. Дар як тараф ҳавзи пуроб ва дуртар аз он мазорчае буд, ки дар болои он шохи гӯсфанди ёбоиро монда буданд. Лаб-лаби се ҷӯ се пайраҳа буд.

Дар ҷӯй об набуд. Дар сояи шоҳтут ҷомаи худро ба тагаш андохта, касе мехобид ва ҳар боре чун қурбоққаи хокии нав аз хоби зимистона бедор шуда, қур-қур карда хуррок мекашид.

Маззаи шоҳтут ва анор қариб як хел аст. Кадоме аз онҳоро одам бинад, даҳонаш об мекушояд. Асаду Самад шоҳтутҳои рехтаро чида хӯрдан гирифтанд. Калта гаҳе тут мехӯрд, аммо ба шоҳтут нигоҳ ҳам накард. Шояд вай ҳам, чи хеле ки Бурҳони биҳӣ аз биҳӣ қимоб аст, аз шоҳтут қимоб бошад. Хайр, ин кори вай.

— Ҳамин мардак,— гуфт Самад, шахси хобидаро нишон дода,— шоҳтутро поида хобидагист.



— Шоҳтут ба кӣ даркор? — розӣ нашуд Асад ба фикри Самад.

— Шоҳтут ба дарди гулӯ дору...

— Ба дарди гулӯ патресак (пардаарӯсак) дору.

— Ҳа, бачаҳо, шоҳтут бомазза-мӣ? — Ин овоз миёни мунозираи бачаҳоро бурид. Ин марди симчӯб барин борику пойлуч аз кадом тараф омад, бачаҳо надониста монданд.

Бачаҳо ба лабу рӯи аз шоҳтут сурх шудаи худ сар аз замин бардошта ҷавоб доданӣ буданд, ки чашми марди нав омада ба шахси дар соя хобида афтод.

— О, ин Тавакkалхоҷа-ку... Бандаи хоб,— гуфт марди пойлуч ва баъд ба бачаҳо мурочиат кард: — мехоҳед ман ба шумо аҷинаи хақиқиро нишон диҳам?



Аҷина ҳар чанд даҳшатнок бошад ҳам, аммо онро дидан хеле аҷиб будагист.

— Ҳа, ҳа, мехоҳем,— бо завқ гуфтанд бачаҳо.

Марди пойлуч як дона шоҳтути пухтаро гирифта, ба лаби Таваккалхоҷа як мӯйлаби дароз сохт. Таваккалхоҷа хобу хоболуд гӯё ба лабаш пашша нишаста бошад, бо даст лабашро бод карда монд. Марди пойлуч андаке сабр карда истоду пас оҳиста рӯи Таваккалхоҷаро чунон нақшу нигор кард, ки нахандидан мумкин набуд. Пас ӯ аз болои мазорча ду шохро оварда ба болои сари Таваккалхоҷа чунон гузошт, ки одами дида аз тарс гурдакаф мешуд.

— Ана ин кӣ? — пурсид марди пойлуч аз бачаҳо.

— Дев,— гуфт Самад.

— Шайтон. Шайтон шохдор мешавад,— гуфт афсонаеро ба хотир оварда Асад.

— Ба фикри ман аҷина,— гуфт марди пойлуч.

— Бигзор хоб равад. Ӯро бедор накунед.

Марди пойлуч рафт. Бачаҳо андаке дуртар рафта, кунҷкобона поида нишастанд, ки Тавакқалхоҷа аз хоб хеста чи кор мекарда бошад. Аммо Тавакқалхоҷа парвои олам надошт.

Дар ҳамин вақт ду зан ва як духтарча омаданд. Яке аз занҳо дар сараш лаганди ба дастурхон печондашудае дошт. Аз афташ онҳо ба ягон тӯй рафта истода буданд ва дар табақ боркаш буд. Занҳо саргарми сӯҳбат ба Тавакқалхоҷа хеле наздик шуда бошанд ҳам, ӯро надида гузашта рафтанашон мумкин буд.

— Хола, дар он ҷо аҷина хобидааст! — бо ангушт ба тарафи Тавакқалхоҷа ишора кард Асад.



Неш аз ҳама духтарча «Очаҷон!» гӯён ба модараш часпид. Лаганд аз сари зан парида рафт ва аз даруни он нону қанд ба ҳар тараф пош хӯрд. Зани дуйӯм бо овози баланд ба дуохонӣ даромад. Ҳамаи онҳоро даҳшат фаро гирифта буд. Асаду Самад бо овози баланд қоҳ-қоҳ зада механдиданд.

Аз ғалоғулӣ Таваккалхоҷа бедор шуда сар бардошт ва дар болои сараш ду шохро дида якбора аз тарс харгӯш барин аз ҷояш ҷаҳида хест. Ҳоло вай аз аҳволи худ хабар надошт.

Занҳо Таваккалхоҷаро аз афташ зуд шинохта ба худ омаданд, ки дар рӯяшон хун давид. Зани калонсол ниҳоят ба гап даромад.

— Тавба! Тавба! Таваккалхоҷа, ин чӣ масхарабозӣ? Туро кадом ҷини каҷалак зад? Як ба афту башараат нигоҳ кун.

Зани дуйӯм нон ва қандалоти худро аз нав чида ба лаганд меандохт. Таваккалхоҷа зуд ба лаби ҳавз давид ва дар оби соф афту башараи худро дида фарьёд зад:

— Ин кори кадом ноҷинс?

— Хоб додари марг мегӯянд,— гуфт зани солхӯрда. Дар вақти хобат, ана, ин шайтончаҳо,— Асаду Самадро нишон дод зан,— хуб ҳунарнамоӣ кардаанд-дия. Ҳай... Ҳай...

Дар миёна Асаду Самад ба бало монданд. Таваккалхоҷа зуд ба тарафи онҳо давид. Барои шарҳу баён вақт набуд. Бачаҳо гурехтанд. Дар чунин мавридҳо Калта ҳеҷ гоҳ ақиб намемонд. Асаду Самад аз назди буққа, ки хобида буд, бодвор давида гузаштанд. Аммо, вақте ки Таваккалхоҷа наздик омад, буққа аз ҷой хеста, бо тамоми қувваташ Таваккалхоҷаро заданӣ шуда, арғамчини худро шарт канд ва аз паси ӯ давид. Акнун Таваккалхо-

ҷа бачаҳоро фаромӯш карда, аз буққа мегурехт. Буққа бошад, думи худро хода карда «бӯӯ, бӯӯ» гӯён ба Таваккалхоҷа расида, ӯро ба болои шохҳои худ савор карданӣ буд.

Вазъияти бечора Таваккалхоҷа торафт бад мешуд. Ноилоҷ ӯ бо тамоми овоз аз ҳавли ҷон дод гуфтан гирифт:

— Вой мурдам, ёрӣ диҳед!

Аз ҳар тараф одамон давида омаданд ва ба як илоҷ арғамчини дарозеро оварда онро аз ду тараф дошта буққаро аз гарданаш бастанд. Акнун ҳама ба аҳволи Таваккалхоҷа механдиданд. Таваккалхоҷа бошад, бо ду дасташ рӯяшро руст карда ба тарафи хонааш давид.

Баъди басанда шудани харҳаша Асаду Самад баргашта омада, каландчаи худро ёфта гирифтанд. Хайрият, онро Таваккалхоҷа надида будааст, набошад ё ба дарахт зада мешикаст ё ба ҳавз мепартофт. Одамон дар болои ҷаҳл чи корҳоеро намекунанд!

Барои чӣ ба таги Шоҳтут омадани худро бачаҳо фаромӯш карда буданд. Аммо каландчаро ёфта, боз об ба хотири Асад омад.

— Дар ин ҷо ҳам об нест-ку.

— Агар лаб-лаби ҷӯ рафтан гирем, ба сари об мерасем,— гуфт Самад.

Ҳар ду ба роҳ даромаданд.

Ҷӯ чанд бор печу тоб хӯрда, аз байни заминҳои пахтазор ва боғу майдонҳо гузашта, ба кӯчабоғ баромад. Пудинаҳои лаби ҷӯ аз роҳгардии бачаҳо ҷунбида атрофро аз бӯи муаттари худ пур мекарданд. Дар баъзе ҷоҳо марминҷон рӯида, монанди шоҳтут пухта буд. Асаду Самад онҳоро чида хӯрда мазза мекарданд.

Аммо марминҷон ба Калта маъқул нашуд. Асаду Самад чанд бор кафи худро пур карда, ба фуки Калта дошта бошанд ҳам, вай бӯ карду нахӯрд. Аз ростӣ, Калта андаке аҳмақ ё сернозу нуз аст, ки ҳатто марминҷонро ҳам намехӯрад.



ХОҲИШ, ХОРИШ ВА НОЛИШ

Аз боғи колхозӣ бӯи меваҳои гуногун расида, беихтиёр димоғи иштиҳоро қитиқ мекард. Асаду Самад дарун-даруни ҷӯ ба боғ даромада монданашонро надониста монданд. Чашмони онҳо ба шафтолуҳои нимпази миёнсолӣ афтод. Кадом одам шафтолуро бинад, хӯрдан намехоҳад? Хусусан агар шохҳои он аз серҳосилӣ хам шуда, қариб ба замин расида бошанд.

Ба Асаду Самад хоҳиши шафтолухӯрӣ пайдо шуд.

— Баҳ-баҳ, ин шафтолуҳоро бин,— аз шодӣ барқ зад чашмони Асад.

— Биё, чида мехӯрем, гуфт Самад.

— Боғбон қапида занад-чӣ?

— Ёфтам,— гуфт Самад,— аз байни алафҳо хам шуда-хам шуда меравему як бағал-як бағал чида ба ягон ҷой бурда мехӯрем.

Ҳарду куртаҳои худро ба даруни эзорашон андохта, монанди сарҳадчиёне, ки барои дастгир кардани ҷосус мераванд, ба тарафи шафтолу гавак кашиданд. Калта ҳам ба онҳо пайравӣ карда

оҳиста-оҳиста худро дар байни алафҳо пинҳон карда роҳ мерафт.

Бачаҳо ба таги шафтолу рафта аз ҷой хестанд ва меваҳои нимхомро чида ба бағал андохтан гирифтанд.

— Ана, дар вай шох пухтагиаш бисьёр,— оҳиста садо бароварда Самад.

Асад ҷаҳида он шохи баландро дошта, хам кард.

— Эҳтиёт шавед, шох нашиканад,— овоз бароварда боғбон, ки андаке дуртар шафтолудуздии бачаҳоро таъқиб карда, завқ мебурд ва давраи бачагии худро ба ёд меовард.

Овози боғбонро шунида бачаҳо рӯ ба гурез ниҳоданд.

— Истед, ман ба шумо шафтолуҳои пухтагӣ ёфта медиҳам,— гуфтани боғбон ба гӯши Асаду Самад чун ҳақорату дашном расид.

Бачаҳо баъди он ки хеле гурехта, ба қавли худашон ба ҷои бехатар расиданд, дар як ҷо нишаста, шафтолуҳоро якто-якто аз бағал бароварда, хӯрдан гирифтанд. Ачибаш дар он буд, ки ба Калта шафтолу ҳам маъқул нашуд.

Баъди як чанд дақиқаи шафтолухурӣ оҳиста-оҳиста бадани Асаду Самад хоридан гирифт. Ниҳоят Самад тоқат карда натавониста гуфт:

— Тамоми баданам хорида истодааст.

— Азони ман ҳам,— тарсида овоз бароварда Асад.

Ҳарду аввал шикам, баъд гардан ва сонӣ даступои худро қатара-қатар хоридан гирифтанд.

— Мо ба касалии хориш гирифтор шудем,— бо ранги парида гуфт Самад.

— Акнун моро ба касалхона бурда укол мекунанд, илова кард Асад.

Ҳарду шафтолуҳои боқимондаро партофта, бо чашмони гирьяолуд, баданҳои худро хор-хорон ба сӯи ҳавлиашон давиданд.

— Бибиҷон! — гирья карда Асад худро ба оғӯши модараш ҳаво дод.— Тамоми баданам мехорад.

Модари Асад бадани писарашро дид, ки тамом суп-сурх шудааст. Ниҳоят тарсида ба пурсуҷӯ даромад.

— Ба куҷо рафта будӣ? Чӣ хӯрдӣ?

Аммо Асад тарсида шафтолудуздиро руст кард.

— Ба обкушоӣ рафта будем, ҳеҷ чиз нахӯрдем. Самад ҳам рафта буд,— Асад беист бадани худро мехорид.

Дар хонаи Самадино низ ташвиш сар шуд. Модари Самад ҳаросон ба назди модари Асад омад, ки аз асли воқеа бохабар шавад ва ягон маслиҳате пурсад.

Асаду Самад дар хонаҳои худ бо ду даст бадани худро хорида нолиш мекарданд.


Ногоҳ модари Асад бо қатъият гуфт:

— Асадҷон, агар росташро нагӯӣ, баданат хоридан мегирад. Мо маҷбур туро ба духтур барем. Вай укол мекунад. Канӣ, росташро гӯ, чӣ воқеа шуд?

Ноилоҷ Асад ба шафтолудуздии худ иқрор шуд. Ҳарду модар оҳи сабук кашиданд.

— Ана, ҷазои дуздӣ ҳамин,— гуфт модари Асад.

— Одам ба бағалаш шафтолу меандозад-мӣ?— илова кард модари Самад.



Модарҳо зуд бачаҳои худро бо собун оббозӣ доштанд ва хориш ҳам «ту дидию ман надидам» шуд.

Бегоҳӣ Асаду Самад дар дари кӯча бо ҳам вохӯрданд.


— Медонӣ, Самад,— гуфт Асад,— ман акнун донистам, ки касалии хориш аз шафтолу пайдо мешудааст.

— Инро ҳама медонад,— худписандона гуфт Самад.

— Хайр, пагоҳ ба обкушоӣ меравем, ё бо ҳамин тамом? — пурсид Асад.

— Албатта меравем. Аммо ба ҳеҷ кас гап назан. Набошад, наменонанд.

Бачаҳо пинҳонӣ забон як карданд.



ДАР ДУШОХ

Он ҷоеро, ки ҷӯи калон ба ду тақсим мешавад, Душох меноманд. Аз рӯи шуниди Асаду Самад об аз ҳамин Душох меомад. Аммо вақте ки бачаҳо ба ин ҷо омаданд, об набуд. Фақат се кас рост истода бо овози баланд гапгузаронӣ мекарданд. Инҳо Бурҳони биҳӣ, Таваккалхоҷа ва ҳамон марди қаддарози дирӯза буд, ки аз Таваккалхоҷа аҷина сохта буд.

— Ту, муттаҳам, Ҳасани ҳангома, як рӯз не як рӯз ба дастам меафтӣ,— мегуфт Таваккалхоҷа ба марди дирӯзаи қаддароз,— барои ҳамаи ҳангомаҳоят чунон боб кунам, ки як умр боиси хандаи мардум шавӣ.

Маълум шуд, ки номи ин одам Ҳасани ҳангома будааст.

— Оҳо! Ту, Таваккалхоҷа, се сол боз ҳамин гапро мегӯӣ. Аммо аз Ҳасан қасос мегирам гуфта, боз худат расво мешавӣ. Чаро таваккал карда ягон коре намекунӣ?— гуфт Бурҳони биҳӣ.

— Ба ту биҳӣ, биҳии турши кирмзада, гап нарасидааст,— бо қаҳр гуфт Таваккалхоҷа.

— Ҳа, сухан ба аҷина, ба аҷинаи таги шоҳтут мезебад,— ба Таваккалхоҷа тири ҷавобӣ парронд Ҳасан.

Ҷанҷол торафт ранги ҷиддӣ мегирифт, аммо дар ҳамин вақт як марди хушбурути аспсавор омада монд.

— Ҳа, сари даҳана каландҷанг-ку. Худаш чӣ гап?— пурсид ӯ.

Ин одам мироби колхоз буд. Якбора оҳанги гапзании ҷанҷолчиён дигар шуд.

— Об аввал навбати мо. Аммо инҳо не мегӯянд,— гуфт Тавакалхоҷа Бурҳону Ҳасанро нишон дода.

— Ҳа, рост навбати мо,— даҳон кушод Ҳасани ҳангома.

— Ту, Тавакалхоҷа, беҳтараш дар ягон ҷои соя рафта хоб кун, мо ки заминҳои худро об монда шудем, ба ту хабар медиҳем. Мӯл не, ҳамааш шуда ду шабу ду рӯз бедор нашавӣ, шуд.

— Ин дафъа Тавакалхоҷа хобида монад, аҷаб не парӣ шуда ба осмон парида равад,— илова кард мироб.

Ҳама хандиданд. Тавакалхоҷа чизе нагуфта сар хам кард ва пас аз тамом шудани ханда бо ҷиддият гуфт:

— Ман аз имрӯз мутасаддии об. Саркорамон гуфтанд, ки ё обро мебиёрӣ, ё тамом намебиёӣ.

Асаду Самад ҳайрон буданд, ки инҳо кадом обро кушоданианд. Дар ҳеҷ куҷо охир асари об нестку? Асад ба Тавакалхоҷа наздик шуда пурсид:

— Амак, об аз куҷо меояд?

— Аз каллоки беду аз фиси бинӣ!— бо қаҳр ҷавоб дод Тавакалхоҷа.

Бачаҳо беихтиёр бинии худро кашида монданд. Дигарон хандиданд.

Ниҳоят мироб ҳазлу шӯхиро бас карда гуфт:

— Об аввал навбати Тавакалхоҷа, ман заминҳои онҳоро дида баромадам, хеле обталаб. Чӣ гуфтӣ, Бурҳон?

— Рост,— кӯтоҳ ҷавоб дод Бурҳони биҳӣ. Охир, вай агрономи колхоз, бояд гапи ростро гӯяд.

Тарбузи Ҳасани ҳангома аз бағалаш афтид. Та-

ваккалхоҷа монанди бачаҳои хурдсол рӯяшро турш карда, забонашро ба Ҳасан бароварда нишон дод.

Барои чӣ баъзан одамони калонсол худи бачаҳои хурд барин рафтор мекунанд? Чунки одамони калонсол ҳам як вақтҳо бачаҳои хурд буданд. Умуман забонро аз даҳон бароварда ба одамон нишон додан кори нағз не. Аммо Тавакқалхоҷа барои аз Ҳасани ҳангома қасос гирифтан ҳоло ғайр аз забоннишондиҳӣ дигар фикре ба сараш наомад.

Ҳасани ҳангома, Бурҳони биҳӣ ва мироб рафтанд. Тавакқалхоҷа ба дастҳояш туф карда, каланди худро гирифт. Ӯ чим канда ҷӯи тарафи ростро мебаст. Бачаҳо ба умеди он, ки ҳоло мумкин об ояд, нишаста каландзании Тавакқалхоҷаро тамошо мекарданд. Ба ногоҳ Тавакқалхоҷа каланди худро монда, хунук-хунук хандида ба назди бачаҳо омад ва якбора аз сари Асаду Самад тӯпиҳояшонро гирифта ба бағалаш андохт.


— Дина маро масхара карда гурехтагиҳо шумо не-мӣ? Ана, акнун ба дастам афтодед. Тӯпиҳоятонро намедиҳам. Ба бозор бурда мефурӯшам.

— Мо не. Вай кори амаки нав ба шумо ҷанҷол кардагӣ буд,— гирьяолуд гуфтанд бачаҳо.

— Медонам! Вай муттаҳами ҳангома,-ку ин корро кардааст. Аммо шумо маро чаро бедор накардед? Хайр, майлаш ман гуноҳи шуморо мебахшам, ба шарте ки ба ҷӯбандии ман ёрӣ диҳед.— Мулоим шуда гуфт Тавакқалхоҷа.

Асаду Самад ноилоҷ каландчаи худро гирифта ба чимканӣ машғул шуданд. Дар дили онҳо ба Тавакқалхоҷа нафрате пайдо шуд.

— Ҳо, шерҳои амак, чимро калон-калон канда, ба ин ҷо оварда зер кардан гиред, ман як нафасам-



ро рост кунам,— гӯён Таваккалхоҷа ба таги тут рафта дароз кашид ва рӯймоли худро кушода худро бод кардан гирифт.

Бачаҳо барои ин ки Таваккалхоҷа тӯпиҳояшонро баргашта диҳад, дам нагирифта кор мекарданд. Ногоҳ овози хурроккашӣ онҳоро аз кор боздошт. Асаду Самад нӯг-нӯги по ба сари Таваккалхоҷа омаданд. Вай масти хоб буд.

— Тӯпиамонро гирем-чӣ,— пичиррос зад Самад.

— Агар бедор шуда монад, сонӣ тамоман намедиҳад,— дудила шуд Асад.

— Хоби вай сахт. Бедор намешавад.

Аввал Самад ва сонӣ Асад оҳиста аз бағали Таваккалхоҷа тӯпиҳои худро гирифтанд. Ӯ чизеро ҳис накард.

— Бо рӯймолаш пояшро баста гурезем-чӣ? — Маслиҳат дод Самад.

— Майлаш,— завқ намуда розӣ шуд Асад.

— Ҳарду рӯймолро аз паҳлуи Таваккалхоҷа гирифта, бо он ду пои ӯро сахт бастанду бодвор гурехта рафтанд.

Калта, ки аз нишастан ба як ҷо дилгир шуда буд, боз шодикунон ба ҷасту хез даромад.

Бачаҳо дарун-даруни ҷӯ боло рафтан гирифтанд. Онҳо ба сӯи канал мерафтанд.



ОВЕЗОНШАВӢ

ар сари роҳ ба сӯи канал як чормағзи азамате буд, ки дар он парандаҳои бисьёре лона мегузоштанд.

Вақте ки Асаду Самад ба таги чормағз омаданд, аккадумдарозҳои бисьёре якбора мағал бардоштанд. Самад чистонеро дар бораи аккадумдароз ба ёдаш оварда, бо овози баланд хонд:

Рафтанаш тир барин,
Шиштанаш мир барин,
Сиёҳиаш қир барин,
Сафедиаш шир барин.

—Медонам, медонам,— Ин аккадумдароз. Вай дар ин ҷо бача мондагӣ, биё бачаашро мегирем,— гуфт Асад.

— Ба ин дарахт баромада намешавад,— розӣ

нашуд Самад. Вай умуман ба дарахт баромада наметавонист.

— Ман мебароям. Дарахти ман баромада наметавонистагӣ нест,— ман-манӣ кард Асад.

— Набаро, ҳо, ана дидӣ, лонаи вай дар ҷои нобоб, дар шохи борик,— боз ҷӯраи худро аз ин кор нигоҳ доштанӣ шуд Самад.

Аммо Асад аз бачаҳое буд, ки як корро фикр кунанд, ичро накарда наменонанд.

— Ана, тамошо карда ист,-гӯён Асад гурбавор ба тани чормағз часпида боло баромадан гирифт. Ҳар қадар, ки Асад боло мебаромад, ҳамон қадар доду фиғони аккаҳо баланд мешуд.

Асад аз боло ба поён нигоҳ карда дилаш ҳаросид. Аммо дар назди Самад шарманда шудан нахоста, ноилоҷ аз шох ба шох чун бачаи дорбоз гузашта, ба лонаи акка наздик мешуд.

— Эҳтиёт шав, эҳтиёт! — аз поён Самад маслиҳат медод.

Асад аз як шохи боло дошта, ба рӯи шохи поён мӯрчавор қадам мемонд. Ногоҳ шохе ки дар зери пояш буд, шикаста ба замин афтод ва Асад моҳирона аз шохи боло дошта, чун куртаи ба тори ҷомашӯӣ илҳоқ карда шуда, овезон шуда монд. Шохе ки ӯ дудаста аз он медошт, низ алвонҷ хӯрда шиканам—шиканам мегуфт.

Чанд бор Асад монанди турникбозон хост ба рӯи шох барояд, аммо ин кор ба ӯ муяссар нашуд. Вазъият торафт хатарнок мешуд. Дастҳои Асад аз вазнинии баданаш ба дард омаданд ва оқибат тоқат карда натавониста:

— Бибиҷон, мурдам!— гӯён фарьёд кард.

— Ёрӣ диҳед!— бо тамоми овозаш Самад ҳам фарьёд кард.

Аммо дар атроф касе набуд. Дар ҳар дақиқа Асад ғалтида маибу маслуқ шуданаш мумкин буд. Ана дар ҳамин вақт чашми Самад ба алафҳои хушк афтод, ки чанд қадам дуртар банд баста ғарам карда монда буданд. Якбора фикри хубе ба сараш омаду ба тарафи ғарам давид ва бандҳоро бардошта омада, дар ҷое ки Асад овезон буд, партофтан гирифт. Самад мокуи бофандаҳо барин рафтуо мекард.

— Ҳой дуздро доред! Дуздро доред!— гӯён ногоҳ мӯйсафеде аз куҷо пайдо шуда омад.

— Бобоҷон, ёрӣ диҳед, Асад мемурад—Илтиҷо кард Самад.

— Ҳ..ҳам дуздӣ мекунию ҳам масхара.—Не, Асад сад сол умр мебинад,— гуфт мӯйсафед.

Маълум мешавад, ки номи мӯйсафед ҳам Асад будааст ва сухани Самадро ба дигар маъно фаҳмидааст.

Самад барои фаҳмондани воқеа вақт надошт, бинобарон бо ишора шохи дарахтро нишон дода гирья карда фиристод.


Мӯйсафед зуд ба шохи чормағз нигоҳ карда, аввал «худоё!» гуфта, дасту по гум кард ва сонӣ аз нияти Самад пай бурда, худаш бандҳои алафро бардошта овардан гирифт.

Дар чанд дақиқа дар зери пои Асад ғарами алафи хушк баланд шуд ва мӯйсафед ҳатто ҷоматаи сандуфи сиёҳи худро кашида ба болои алаф партофт.

Асад ҳамон дар шох овезон истода гирья мекард.

— Натарс, худатро парто-гуфт мӯйсафед.

Аммо Асад метарсид.



— Парто. Ин ҷо мулоим! — таъкид мекард мӯйсафед ва зери лаб дуо мехонд.

Дигар илоҷе набуд. Асад дасти худро сар дод. Куртаи ӯ монанди парашют дар ҳаво кушода шуда, худаш ба болои ғарам афтоду ба даруни он ғӯтида рафт.

Мӯйсафед зуд Асадро аз даруни алаф кашида гирифта пурсид:

— Ҳама ҷоят дуруст?

— Ҳа, дуруст! — хурсандона ҷавоб дод Самад.

— Хайрият, гуфта мӯйсафед аракӣ пешонаашро пок кард ва дар ҷояш нишаста монд.

— Ту худи парашютчиҳо барин фаромадӣ, — таъриф кард Самад.

— Ман ду дастамро васеъ кушодам, ки ба замин бо сарам омада назанам.— калонгарӣ кард Асад. Вай дар ин ҷо гапи дурӯғ гуфт.

— Ту бояд ба ҷӯраат ташаккур гӯӣ, на ин ки манманӣ. Агар ба ин кор ақли вай намерасид, намурӣ ҳам ду пост мешикаст. Аҳмақ! — таъна кард мӯйсафед.



— Раҳмат,—гуфт Асад аз огоҳии мӯйсафед ба худ омада ва дасти Самадро фишурд.

Мӯйсафед гӯё орӯ газида бошад, якбора давида аз ҷояш хесту як шаппотӣ ба рӯи Асад зада гуфт:

— Шайтонҳои дупо! Агар минбаъд ба чормағз баромаданатонро бинам, худам поятонро зада мешиканам. Хайрият, фалокатро худо пок карде. Хайрият!

Бачаҳо аз ҳайбату ғазаби мӯйсафед тарсида, чизе нагуфта рӯ ба гурез ниҳоданд. Фақат Калта ду бор ба мӯйсафед ав-ав карда, сонӣ гурехт.

Дуртар рафта бачаҳо ба ақиб нигоҳ карданд. Мӯйсафед бандҳои алафро бардошта аз нав ба ҷои пештарааш мебурд.

Аз воқеаи рӯйдода Асаду Самад хеле тарсида буданд. Бинобар ин онҳо хомӯшона роҳ мераф-



танд. Дар хақиқат агар дар он наздикӣ ғарами алаф намебуд, ягон фалокат рӯй доданаш аз эҳтимол дур набуд.

Хомӯширо ниҳоят Асад вайрон кард:

— Ба чормағз баромаданамонро боз ба ягон кас нагӯӣ? Агар дар хона фаҳманд, дигар ба ҳеҷ кучо рафтан наметонанд, ба болояш шаттаҳои обдор ҳам мезананд.

— Не, агар худат ба ягон кас нагӯӣ, ман аз даҳон намебарорам. Ин сирри ҳарбӣ барин,— розӣ шуд Асад.

— Дар ин бора гап тамом,—таъкид кард Асад.

Ногоҳ садои шар-шари об ба гӯш расид. Онҳо ба ақиб нигоҳ карданд. Оби калоне хасу хасрӯбаҳоро бозӣ доронда меомад. Асаду Самад ба ҷӯй даромада пеш-пеши об медавиданд. Ин кор хусусан ба Калта маъқул шуд.

Дар як ҷо об аз баландӣ ба поён рехта, шаршара ва дар поён ҳавзчаеро ташкил кард.

— Ин ҷо оббозӣ кардан боб будаст,— гуфт Асад.

Ҳамин ишора кифоя буд. Ҳар ду дар лаби ҷӯ куртаҳои худро кашида монда, ба оббозӣ машғул шуданд. Ҳамаи нохушиҳо фаромӯш шуд. Онҳо хурсанду шодмон гардиданд.

Самад ба лаби ҷӯ баромад ва бо овози баланд хонд:

Давидему давидем,
Ба ҷӯи нав расидем,
Ҷӯи нава обаш мӯл,
Танбалҳоя хобаш мӯл.

Баъди ин худро боз ба об партофт. Калимаи «танбал» ба ёди онҳо Таваккалхоҷаро овард.

— Самад,— гуфт Асад,— Таваккалхоҷаи хобо-

луд чӣ кор карда бошад? Бедор шуд ё не? Об кайҳо ба онҷо рафта расида буд.

Дар айни тасфи ҷанҷол бачаҳо ба Душох расида омаданд.

— Нон, занад, ки,— қасам мехурд Тавакқалхоҷа,— Ҳасани ҳангома бо ҷӯраҳояш омада поямро баста монда рафтааст.

— Чаро дод нагуфтӣ? Ба даҳонат пахта тиққонда буданд-мӣ-а? — ришханд намуд Бурҳони биҳӣ.

— Не, дар даҳонам биҳӣ буд,— паст наомада ба Бурҳон неш зад Тавакқалхоҷа.

— Нағз кардаанд, ки даҳони туро бо ногуфтанӣ пур кардаанд,— гуфт қаҳри худро фурӯ бурда Бурҳони биҳӣ. (Ӯ биҳиро ном набурда ҳамчун гапи айб» ногуфтанӣ» меномид).

— Дурӯғ!— дод зад Ҳасани ҳангома — мо аз ҳеҷ чиз хабар надорем. Фақат баъди он, ки ба участкаи мо об рафт, чи гап шуд гуфта, ба ин ҷо омадем.

— Ман давида омада бинам, ки,— ба мироб рӯ овард Бурҳони биҳӣ — Тавакқалхоҷа пояш бастагӣ дар таги тут ба ҳузур хобидааст ва қаррукур хуррок мекашад.

— Маълум,— боз даҳон кушод Ҳасани ҳангома,— ба ҷӯбандӣ хушаш наомада худаш пояшро баста хобидааст, то ин ки гуноҳро ба гардани ман бор кунад.

— Аз ту,— гуфт мироб ба Ҳасан муроҷиат карда,— ҳар кор баромаданаш мумкин. Беҳуда туро Ҳасани ҳангома намегӯянд.

Боз туту бедгӯӣ, баҳсу ҷанҷол авҷ гирифт:

Маълум мешавад, ки дар вақти масти хоб будани Тавакқалхоҷа, об омада ҷӯи нимкола бас-

таро вайрон карда, ба тарафи заминҳои Ҳасани ҳангома рафтааст.

Тавакқалхоҷа нағз медонист, ки пои ӯро бачаҳо баста рафтаанд. Аммо инро эътироф намекард; шарм медошт гӯяд, ки «бачаҳои шашсола поямро баста рафтаанд». Бинобар он ҳамаи гуноҳро ба гардани Ҳасани Ҳангома партофтанӣ мешуд.

Дар ин вақт чашми Тавакқалхоҷа ба Асаду Самад афтода, аз-ғазаб суп-сурх шуд ва аз дил гузаронд: «ягон рӯз ин лаънатиҳоро дошта адабашонро медиҳам». Аммо ҳозир сирро бой надода, аз гапаш намегашт.

— Тӯҳмат кунӣ, дуруст тӯҳмат кун-дия,— мегуфт Боботоҳир ки ба ин ҷо омада буд.— Худатро овехта ин кори Ҳасани ҳангома гӯӣ, намешавад?

Ҳама хандиданд.

— Нон занад, ки рост мегӯям,— аз нав қасам мехӯрд Тавакқалхоҷа, сар равад ҳам сир наравад гуфта.

— Қасам нахӯр, хоболуд! Нон чизи муқаддас! — овозашро баландтар кард Боботоҳир.

— Ман росташро гӯям-мӣ? — Самад ба ҳозирон мурочиат кард. Ӯ мехост рости гапро гуфта бечора Тавакқалхоҷаро аз калкалшавӣ халос кунад.

— Фақат ту шум кам будӣ! — гӯён Тавакқалхоҷа ба тарафи Самад давид, чунки ӯ аз ошкоршавии ҳақиқат бештар метарсид. Аммо якбора пояш лағжида ба ҷӯи пуроб гумбуррасзанон ғалтида рафт.

Боз дар атроф овози ханда баланд шуд. Асаду Самад ба тарафи хонаашон гурехтанд ва надонистанд, ки оқибати ин ҷанҷол чи шуд.



АФСОНАИ ОБ

Бегоҳӣ Асаду Самад хеле хурсанд шуданд. Модаркалони Асад ба меҳмонӣ омад.

— Очаам афсонаи бисьёр медонад, имшаб мазза мекунем. Биё, ба хонаи мо хоб кун.— гуфт Асад ба рафиқи худ.

Самад дартоз рафта, аз модараш иҷозат гирифта омад.

Дар хақиқат, баъди хӯрок, вақте ки ҳама ҷоро торикӣ фаро гирифту вақти хоб расид, бачаҳо аз паҳлӯи кампир ҷой гирифтанд.

— Оча, афсона гӯед,— илтимос кард Асад.

Кампир аз рӯи одати доимиаш сар кард:

Афсона саное буд,
Чил ҳуҷра гадое буд,
Гадо ба мо об дод.
Оба пеши гов бурдем,
Гов ба мо фалла дод,
Фалая пеши кампир бурдем...

— Не, не мо ин афсонаро медонем, дигарашро гӯед,— баробар овоз баровардand бачаҳо.

— Кадомашро?

— Ҳу, дар бораи об буд-ку, оча? — ба хотири кампир оварданӣ шуд Асад.

— Ҳа, Фарҳоду Ширин?

— Не, инро ҳам медонем, боз дигараш буд. Дар бораи Одил.

— Ҳа. Ҳозир.

Кампир ба нақл сар кард:

Буд — набуд, дар замонҳои қадим, дар миёни биёбони бедолу дарахт, манзили обод ва сабзу хурраме буд. Рӯзе аз рӯзҳо ҳокими биёбон — деви Ҳафткалла роҳгузар шуда, ин ҷои ободро дида, ба ғазаб омад. Чунки аз бӯи себу шафтолу дилаш беҳузур мешуд, аз бӯи ангур сараш дард мекард, аз дидани гулҳо чашмашро сиёҳӣ мегирифт, аз ҳандаи одамон мадораш хушк мешуд.

Дев зуд ба бошишгоҳи худ рафту ба навкарони худ — Гирдбод ва Гармсел фармон дод, ки он деҳаро хароб кунанд.

Чанд рӯз Гармсел ва Гирдбод вазид. Ниҳолҳо пажмурда, гулҳо хушк шуданд.

Баъди як сол Ҳафткалла боз роҳгузар шуда он деҳаро дид, ки сабзу хуррам аст. Аз нав ба ғазаб омад. Ин дафъа вай дигар гурӯҳи аскарони худ — кирму ҳашаротҳои зарарнокро фиристод. Онҳо баргҳои сабз ва меваҳоро хӯрда, ҳамаро хароб карда рафтанд.

Боз дар соли оянда Ҳафткалла роҳгузар шуда, он деҳаро сабзу хуррам диду аз ғазаб қариб буд, ки мурад. Вай худаш кӯҳи баландро бо китфаш тела дода, ба болои қишлоқ фурӯ равонд ва хотирҷамъ шуда ба хонааш рафт.

Аммо соли дигар дев боз роҳгузар шуда дид, ки одамон сангҳоро ба ҳар сӯ тӯда карда, он ҷоро обод кардаанд. Аз нав боғҳо пурмева ва гулҳо шукуфта. Ҳайрон шуд, ки чаро ин ҷоро вайрон карда наметавонад.

Дев як муаллим дошт, ки ҳазор сол боз аз дарунӣ ғор намебаромад. Медонед, калонии муаллими Ҳафткалла чӣ қадар буд?

— Худи шутур барин будагист,— гуфт Самад.

Асад хандид.



— Не,— гуфт кампир,— Вай аз пашшаи мағилмак ҳам хурд буд.

Дар ҳамин вақт пашшаи мағилмаке ғиринғос зада омад. Асад онро бо ду кафи дасташ «шапӣ» зада «ана, муаллими девро куштам» гуфт.

Кампир боз нақлашро давом дод:

— Аммо муаллими Ҳафткалла аз ғор намебаромад, чунки агар барояд, ё аз нури офтоб, ё аз нури моҳу ситора зуд мемурд.

Деви бадҳайбат ана ба пеши ҳамин муаллими худ рафта:

— Латта, патта, чатта, устоди мӯҳтарам,— гуфт. Девҳо ба ҷои салом ҳамин тавр «Латта, патта, чатта» мегӯянд, ки маънояш «торикӣ ёри шумо бод!» гуфтанӣ гап аст.

— Чаро, ту сад сол боз бедарак шуда рафтӣ, Ҳафткалла? — пурсид муаллими дев. Дев аввал узр хоста, баъд воқеаи манзили ободро, ки се сол зӯр зада вайрон карда натавониста буд, нақл кард.

— Ту зӯри беҳуда задӣ, манзили одамизодро бо ин роҳ хароб карда наметавонӣ... Ту бояд ҷони манзили ободро мегирифтӣ. Он ҷо сонӣ худ аз худ харобу вайрон мешуд.

— Ҷони манзили обод дар куҷо? — пурсид Ҳафткалла.

— Дар об. Агар обро хушк кунӣ, тамом.

Ҳафткалла шабона ба деҳа омада ҷӯи калонро, ки аз кӯҳ меомад, вайрон карда, обро ба ҷарӣ партофт ва худаш дар он ҷо поида хобид, ки одамон омада ҷӯро дуруст накунанд.

Оҳиста-оҳиста аҳволи деҳа бад шудан гирифт. Баргҳои дарахтон зард шуда, гулҳо хазон мешуданд. Аз ташнагӣ одамон азоб мекашиданд. Ҳар касе ки ба сари ҷӯ равад, дев онро бардошта ба

биёбони дур бурда мепартофт. Ба Ҳафткалла зӯри ҳеҷ кас намерасид. Баъзе одамон манзилу маконашонро тарк карда, аз деҳа баромада мерафтанд.

Дар ин деҳа ҳафт паҳлавон буд: номи якӯмаш Якшанбе паҳлавон, номи дуйӯмӣ Душанбе паҳлавон, номи сейӯмаш Сешанбе паҳлавон, номи чорӯмаш Чоршанбе паҳлавон, номи панҷӯмаш Панҷшанбе паҳлавон, номи шашӯмаш Ҷумъа паҳлавон ва номи ҳафтӯмаш Шанбе паҳлавон.

Вақте ки аҳвол хеле бад шуд, Якшанбе паҳлавон шамшери худро аз ғилоф кашида, ба ҷанг рафт. Ӯ якшабу як рӯз бо дев ҷангида, охираш мағлуб шуд. Душанбе паҳлавон ду рӯз, Сешанбе паҳлавон се рӯз, Чоршанбе паҳлавон чор рӯз, Панҷшанбе паҳлавон панҷ рӯз, Ҷумъа паҳлавон шаш рӯз ва Шанбе паҳлавон ҳафт рӯз ҷанг карда, аммо девро мағлуб карда натавонистанд.

Дар деҳа захираи об тамом шуда, одамон, ҳайвонот, паррандаҳо ба ҳалокат наздик расиданд. Дар ҳамин вақт Одил ном подабонбачае, ки молҳои мардуми деҳаро бонӣ мекард, ба модари бемораш ки «об, об» гӯён нола мекард, гуфт:

— Модарҷон, ман ба ҷанги Ҳафткалла мераваам ва ӯро кушта об ёфта меорам.

— О, писарам,— гуфт кампири бечора,— ҳамин қадар паҳлавонҳои номӣ чӣ карданд, ки ту кунӣ. Туро дев дар як миҷҷа задан нобуд мекунад.

— Дар ин ҷо аз ташнагӣ мурдана дар ҷанг қурбон шудан беҳтар — гуфт Одил.

Ин писарбачаи нотарс кӯлвори худро ба китф ва кордашро ба миён овехта, саҳари барвақт, ҳанӯз офтоб набаромада, ба сӯи кӯҳ раҳсипор шуд.

Дар баромадгоҳи деҳа фароштуруке Одилро

дида пурсид, ки куҷо меравад. Одил нияти худро баён кард.

— Ту,— гуфт фароштурук,— бачаи нағзӣ, сол гузашта маро аз даҳони мор халос карда будӣ. Ман ба ту ёрӣ доданам даркор. Ҳафткалларо ту мағлуб карда наметавонӣ. Барои вайро мағлуб кардан дар куҷо будани ҷони ӯро донистан даркор.

— Ҷони Ҳафткалла дар куҷо? — пурсид Одил.

— Ман ҳам намедонам,— афсӯс хӯрд фароштурук.— Ту дар ҳамин ҷо ба ман интизор шав, ман пурсида меоям,— ва тир барин парида рафт.

Фароштурук ба назди кабӯтар рафта пурсид, ки ҷони дев дар куҷояш. Кабӯтар гуфт, ки дар биниаш мегӯянд. Аммо намедонам, дар куҷои биниаш. Беҳтараш аз кабк пурс. Фароштурук ба назди кабк рафт. Кабк гуфт, ки дар даруни бинии Ҳафткалла кирме ҳаст. Ана ҳамонро кушӣ, зафар меёбӣ. Аммо онро чи хел карда куштан даркор — намедонам. Инро аҷаб не мурғи даштӣ донад. Фароштурук омада ҳамаи инро ба Одил нақл кард ва гуфт, ки ӯ забони мурғи даштиро намедонад. Одил ба пеши мурғи даштӣ рафта воқеаро сар то по гуфт ва имдод ҷуст.

— Ту,—гуфт мурғи даштӣ,—бачаи нағзӣ. Ягон бор аз паси чӯҷаҳои ман санг напарондай. Ба ту мегӯям. Дар назди ҳо, ана вай тахтасанг лонаи мӯрчаҳо ҳаст. Ана ҳамон мӯрчаҳо дар даҳони худ заҳр доранд. Агар аз ҳамон заҳр ба кирми бинии Ҳафткалла молӣ, кирм гаранг мешавад, сонӣ онро ба берун бароварда куштан мумкин.

Одил ба пеши тахтасанг, ба назди мӯрчаҳо рафта, илтимос кард, ки ба ӯ барои куштани Ҳафткалла ёрӣ расонанд. Мӯрчаҳо гуфтанд:

— Мо аз ту қарздорем. Ҳар дафъа, дар вақти хӯрокхӯрӣ дар ин ҷо аз дастурхони ту нонрезаи бисьёре мерехт, ки мо онро чида ба хонаи худ меовардем. Акнун мо ба хизмат тайёрем. Фақат фаҳмидан даркор аст, ки хоби Хафткалла кай мебарад. Мо инро намедонем. Агар инро дониста биёӣ, он тарафаш кори мо. Кай хоб рафтани Ҳафткалларо сангпушт медонад.

Кофта-кофта Одил сангпуштро ҳам ёфт ва сargузашти худро ҳикоя карда, мақсади худро маълум намуд. Сангпушт гуфт:

— Майлаш, ба ту мегӯям, ту бачаи хоксору қобиласти. Боре ту як уқобро, ки маро бардошта бурданӣ буд, бо калтаки чӯпонии худ зада пеш карда, маро аз марг наҷот додӣ. Ба нағзӣ-нағзӣ! Ҳафткалла дар қиёми рӯз, вақте ки сояи одам дар офтоб то ҳадди охирин кӯтоҳ мешавад, хоб мекунад. Вақте ки хоби Ҳафткалла мебарад, чашмонаш калон кушода мешаванд ва аз онҳо оташ рехта мехстад. Аммо вай аз бӯи одам зуд бедор мешавад.

«Раҳмат» гуфт Одил ба сангпушт ва зуд ба назди мӯрчаҳо омада, ҳамаи гапҳои шунидаашро ба онҳо баён кард.

Лашкари мӯрчаҳо шабона ба роҳ даромаданд. Пагоҳӣ онҳо ба бошишгоҳи дев наздик шуда дар қабати сангҳо пинҳон шуда хобиданд. Вақте ки нисфирӯзӣ сояҳо ниҳоят кӯтоҳ шуданду хоби Ҳафткалла бурд, дартоз омада, ба бинии дев даромадан гирифтанд.

Мӯрчаҳо ба кирми дар бинии Ҳафткалла буда, баробар часпида, заҳр задан гирифтанд. Дар як дақиқа кирм гаранг шуда аз ҳуш рафт. Мӯрчаҳо онро кашолакунон ба берун баровардаанд ва баъди як соат ба пеши Одил оварданд.

Одил як санги дупудиро бардошта ба болои кирм партофт. Дар ҳамин вақт як бора замину замонро ларза гирифт.

Ҳафткалла фарьёдзанон меомад, аммо то назди Одил нарасида якбора даргирифту хокистар шуда ба замин рехт.

Ғалабаи Одил ба гирду ҷониб паҳн шуд. Одамон, ҳайвонот, паррандаҳо ва гулу дарахтон шодӣ мекарданд. Мардум зуд ҷӯйро дуруст карда, ба деҳа об оварданд.

Аз ҳамон вақт боз ҳама он деҳаро Одилобод мегӯянд. Ҳар кас кори хуб кунад, номаш доимӣ мемонад.

Нағзтарин кор беморро ҳолпурсӣ кардан ва ташнаро об додан аст...

....Асад ва Самад ҳамон шаб Одилро хоб диданд.



КОРНАМОИИ КАЛТА ВА ТАВАККАЛХОҶА

Баъди ношто, дар рӯзи дигар Асаду Самад боз ногоҳ ғайб заданд. Онҳо азми қатъӣ доштанд, ки ба ҳеҷ куҷо андармон нашуда, имрӯз то худи канал рафта мерасанд. Аммо аз нияти онҳо Калта бохабар шуда, думи худро бозӣ доронда, забони худро бароварда, ба пеш даромад. Ҳар се давон-давон то кӯчаи калон расида, дар болои суфачаи қубуре, ки аз даруни он об мегузашт, нишастанд.

Ногоҳ автомашинаи боркаше ба назди онҳо

омада истод. Аз сарпӯши радиатор буғ мебаромад. Дари кабинаро кушода шофёр баромад ва капоти машинаашро кушода, моторро даст-даст карда дидан гирифт. Асаду Самад наздик омада, гардани худро ғоз барин ёзонда ба мотор чашм дӯхтанд. Охир мотори машинаро тамошо кардан аҷаб як кайфе дорад.

Шофер одами нағз ва аз афташ одат карда буд, ки дар кӯчое, ки машина истад, бачаҳо зуд пайдо мешаванд. Бинобарон ӯ кори худро ба охир расонду аз кабина халтаи резиниро гирифта ба таги пои бачаҳо партофта, гуфт:

— Канӣ, об биёред!

Самад, зуд пешдастӣ карда, халтаро гирифта, об оварД.

Шофёр обро ба радиатори машина андохта истода пурсид:

— Ба кӯчо меравед?

— Ба лаби канал,— ҷавоб дод Асад.

— Ба ракета шинед, бурда мемонам.— Бо табассум гуфт шофер.

Бачаҳо зуд Калтаро бардошта ба кабинаи машина даромаданд. Хурсандии онҳо ҳадду канор надошт. Машина ба роҳ даромад.

— Ракета нағз-мӣ, машина? — пурсид шофёр.

Асаду Самад чи гуфтанашонро надониста ҳайрон ба ҳамдигар нигоҳ карданд: агар ракета нағз гӯянд, аҷаб не шофер қаҳр карда онҳоро аз мошин фарорад. Бинобар он Асад оҳиста гуфт:

— Машина нағз!

— Не, росташро гӯед, шумо шофер шуданӣ ё космонавт?

— Космонавт,— баробар овоз баровардандд бачаҳо.

— Ана, ин дигар гап,— хандид шофёр ва илова кард,— Агар шумо космонавт шавед, маро ба ракетаи худ савор мекунед? — боз пурсид ӯ.

— Албатта

— Бе пул?

— Ҳа, бе пул.

— Набошад, ман ҳам ҳозир аз шумо пул намегирам.

Шофер марди хушчақ-чақ будаст.

Баъд аз понздаҳ дақиқа машина истод ва шофер бачаҳоро фароварда гуфт:

— Ҳо, ана ба он тараф равед, ба лаби канал мебароед. Ба ногоҳ ба канал оббозӣ накунед? Хавфнок!

— Не, оббозӣ намекунем,— ваъда доданд бачаҳо.

Машина ба роҳи худ рафт.

Асаду Самад баъди андаке роҳ рафтан ба канал расиданд. Вай як анҳори пуроби ду тарафаш цемент карда шуда буд, ки аз тарафи офтоббаро ба тарафи офтобшинам ҷорӣ мешуд.

Асаду Самад лаб-лаби канал ба муқобили ҷараёни об рафтан гирифтанд. Дар цементи соҳили канал чизе навишта шуда буд. Бачаҳо кӯшиш карданд, ки онро хонанд. Аммо онҳо ҳанӯз ба мактаб нарафта буданд, бинобарон хонда натавониста ҳайрон-ҳайрон нигоҳ карда истоданд. Фақат Самадро модараш бо баъзе ҳарфҳо шинос карда буд.

— Ҳарфи якӯм «Д»,-гуфт Самад,—дуйӯмаш «а», сейӯмаш чӣ бошад?

— Сейӯмаш«в» будагист,— таваккал лаб кушод Асад.

— Не,— гуфт Самад,— «в» ин хел намешавад. Ҳа, ёфтам, ин ҳарфи «р».

«Йё? — Асад ҳарфи«р»-ро гуфта наметавонист.

— «йе» не, «ре».

— Ҳа, «йе»

— Не, «ре»

— Рост, рост, «йе»

— Не, «ре»-«ре»

Дар ин бора қариб ҳарду ҷанг карда буданд. Ногоҳ, аз рӯ ба рӯи онҳо як духтарчае, ки дар бағалаш як банд алаф дошт, омада монд. Вай ба ҷанҷоли бачаҳо гӯш карда истоду ҳарфҳои дар лаби канал бударо бо овози баланд, канда-канда хонд: «Дар канал оббозӣ кардан мумкин нест».

Бачаҳо чизе нагуфта суп-сурх шуданд. Онҳо аз ҳарфҳоро хонда натавонистани худ дар назди духтарча хеле шарм доштанд. Духтарча алафи худро бардошта ба роҳаш рафт.

Аммо баъди чанде роҳ рафтан Асаду Самад диданд, ки як гурӯҳ бачаҳо бо ҳаё-ҳуе дар канал оббозӣ мекунанд. Хусусан як бачаи тамоман лучи модарзод, ки аз дигарон хурд буд, ҳунарнамоӣ мекард.

Вай ба сараш худро ба об ҳаво медод ва аз миёнаи канал аз таги об сарашро бароварда то соҳили муқобил шино мекарду пас ба цементи лаби канал часпида берун мебаромад ва аз он тараф низ ҳамин машқи худро такрор мекард. Дар лаби канал боз ҳамон ҳарфҳо навишта шуда буд: «Дар канал оббозӣ кардан мумкин нест» Аммо бачаҳо дар рӯи калимаи «нест» лой молида буданд, ки дар ин ҳол маънӣ тамоман дигар мешуд.

Асаду Самад ба оббозии бачаҳо бо чашми ҳасад

нигоҳ карда рост меистоданд. Яке аз он бачаҳо инро дида гуфт:

— Либосатонро кашед, ё мурғ барин аз об метарсед-мӣ?


— Дар канал оббозӣ кардан мумкин не,— ҷавоб дод Самад.

— Мо кори зарур дорем,— илова кард Асад.

Дар ҳамин вақт ҳамон бачаи лучи модарзод буз барин ҷаҳида омада тӯппии Асадро гирифта ба канал ҳаво дод.

Дар ҳама ҷо бачаҳои шӯх, шайтон ва шум ҳастанд. Асад лаб-лаби канал давид. Аммо Калта зуд худро ба об партофту тӯппиро ба даҳонаш дошта ба соҳил оварда.

Ин ҳунари Калта ба бачаҳо хеле маъқул шуд. Онҳо ин дафъа тӯппии Самадро зӯран кашида гирифта, ба рӯи об партофтанд. Калта боз худро ба об партофту тӯппиро дошта оварда. Акнун бачаҳои



тӯппидор ҳама тӯппиҳои худро ба даст гирифтанд. Бачаи луч омада боз тӯппии Асадро гирифтанӣ шуд. Аммо Асад ӯро чунон боб карда зад, вай ба рӯи хок ғелида рафт. Самад гумон кард, ки ҳозир вай бача бо тамоми овозаш ё гирья мекунаду дигаронро ба ёрӣ ҷеғ мезанад ё хеста аз нав бо тамоми қувват дасту гиребон мешавад. Вале бачаи луч на гирья карду на аз нав хеста ба ҷанг тайёр шуд. Баръакс, ба рӯи хоки гарм чанд бор ғел зада дароз кашида хобид ва қоҳ-қоҳ зада хандидан гирифт. Гӯё аз калтак хӯрдани худ хурсанд буд.

Дар айни ҳаё-ҳую ханда, духтарчаи нав бо Асаду Самад рӯ ба рӯ шуда пайдо шуд. Аз афташ вай алафи худро ба хонаашон монда омада буд. Бачаи лучи хоколуд зуд аз ҷояш давида хесту уқобвор аз сари духтарча тӯппиашро гирифта ба канал ҳаво дод ва Калтаро «биёр-биёр!» гуфта тӯппиро нишон додан гирифт. Аммо Калта ин дафъа якравӣ карда, аз ҷой намеҷунбид. Духтарча гирья карда давида рафту хост тӯппиашро, ки ба соҳил наздик буд, хам шуда гирад. Вале пояш лағжида ба канал ғалтид. Духтарча як ба об ғӯтиду пас ба рӯи об баромада дасту по мезад ва фарьёд мекард. Маълум буд, ки вай шино карда наметавонист.

Ана, дар ҳамин вақт аз ким-куҷо Тавакалхоҷа пайдо шуда монд. Вай давида омада худро ба канал партофт ва духтарчаро дошта бо ду даст озод бардошту ба соҳил гузошт ва баробари ин бачаҳои шумро ҳақораткунон таҳдид мекард: «ҳаматонро қапида ба пӯстатон коҳ ҷо мекунам». Бачаҳо зуд гурехта рафтанд.

Баъди аз об берун баромадани духтарча Тавакалхоҷа хост, ки худаш берун барояд, аммо пояш ба лаби канал лағжида боз ба миёни канал рафт.

Лаби канал, он ҷое ки об шабу рӯз лесида мегузарад, чунон лағжонак мешавад, ки ҳеҷ пой мондан мумкин нест. Бачаҳои шиновар рӯ-рӯи об то лаби канал шино карда як илоҷе карда мебароянд. Аммо одами калон ин корро карда наметавонад, чунки пои худро дар поён, дар ҷои ниҳоят лағжонак тиргак карда берун бояд барояд. Дар поён, ягон ҷое нест, ки кас пояшро монда худро берун кашад.

Тавакалхоҷа чанд бор кӯшиш кард, ки берун барояд, аммо ҳар дафъа аз нав ба поён ғелида мерафт. Оби канал қариб то гулӯяш меомад ва ӯ ба муқобили ҷараёни об худро ба зӯр нигоҳ медошт.


Тавакалхоҷа дар вазъияти барои худаш танг ва барои дигарҳо хандаовар монда буд. Асаду Самад, ки аз дур ин ҳолатро тамошо мекарданд, наздик омаданд. Тавакалхоҷа онҳоро дида зуд шинохт, хост ба онҳо як-ду гапи обдоре занад. Аммо зуд фаҳмид, ки агар бачаҳоро коҳиш кунад, аҳволи ӯро аз будаш бадтар карданашон мумкин аст. Масалан, ҳозир агар ба сару рӯяш бо лой, тухми харбуза ва помидори пӯсида зананд, ӯ чи кор карда метавонист? Бинобар он ба тавалло даромад.

— Писарҳои нағз, ба ман ёрӣ диҳед.

— Чӣ хел ёрӣ диҳем?— Асаду Самад дар ҳақиқат чи кор карданашонро намедонистанд. Ба Тавакалхоҷа раҳми онҳо меомад. Охир вай одами нағз будаст. Духтарчаро халос кард.

— Биёед, дастатонро ба ман диҳед. Ҳарчи мадад мешавад,— гуфт ӯ.

Асад давида рафта, дасташро ба Тавакалхоҷа дароз кард. Аммо Тавакалхоҷа натанҳо баромада тавонист, балки қариб Асадро ҳам ба даруни канал кашида буд. Тавакалхоҷа, барои андак сабук шудан, куртаашро кашида ба берун ҳаво дод


ДАР КАНАЛ ОББОЗӢ!
КАРДАН МУМКИН

ва аз бачаҳо хоҳиш кард, ки аз ягон ҷо арғамчин ё шохи дарахт ёфта биёранд.

— Маро партофта наравед, шербачаҳо. Ман аз инҷо бароям, шумоёнро бо харбузаҳои шакарпора зиёфат мекунам — мегуфт ӯ. Тавваккалхоҷа метарсид, ки ин аҳволи ӯро шариконаш, хусусан Ҳасани ҳангома набинад. Чунки агар онҳо бинанд, боз аз нав дандонхояки мардум шуда, дар ҳамаҷо боиси хандаю масхара мешавад.

Асаду Самад, барои ёфтани шохи дарахт ба тарафи бедзоре, ки аз инҷо дуртар буд, давиданд. Лаб-лаби канал як мӯйсафеди харсавор омад. Ин Асадбобо буд. Тавваккалхоҷа намедонист аз ин мӯйсафед худро чи хел пинҳон кунад. Хушбахтона, дар ин вақт рӯй-рӯи об як косаи тарбуз, ки тоза тарошида хӯрда буданд, омада монд. Ӯ косаи тарбузро ба сараш пӯшида, то пеши биниаш худро ба об ғӯтонд. Мӯйсафед надида гузашта рафт.

Аз мобайн чанд дақиқаи интизорӣ, ки ҳар кадомаш барои Тавваккалхоҷа соат барин тӯл мекашид, гузашт. Ниҳоят, Асаду Самад як шохро кашола карда омаданд ва як тарафи онро ба канал партофтанд. Тавваккалхоҷа онро бо ду дасташ маҳкам дошт. Бачаҳо аз берун тарафи дигари шохро доштанд. Аммо бечора Тавваккалхоҷа боз худро ба берун бароварда наметавонист. Баъди он, ки кашмакаши бисьёре натиҷа надод, Самад гуфт:

— Амак, дар тарафи боғ одамон ҳастанд, ҷеғ зада биёем-чӣ?

— Не, ин ҳеҷ мумкин не.

— Охир зӯри мо намерасад,— илова кард Асад.

— Як дам гиреду поятонро тиргак карда маҳкам доред, ман берун мебароям. Бачаҳо қомати

худро рост карда, нафаси озоде кашиданд ва баъд ҳарду аз шох маҳкам дошта, тамоми вазни худро ба қафо партофтанд. Ҳатто Калта ҳам аз асли мақсад пай бурда аз домани Асад ба қафо мекашид. Ин вазъият афсонаи машҳури «Шалғам»-ро ба хотир меовард. Таваккалхоҷа гӯё шалғам буд, ки аз замин канда гирифта наметавонистанд.

— Ҳа, маҳкам доред, полвонҳо!— ҳарсосзанон бачаҳоро далер мекард ӯ. Вай қариб аз об баромада буд, ки боз пояш лағжиду бо тамоми кувват бачаҳоро ба сӯи худ кашид. Асаду Самад агар шохро сар намедоданд, ба канал фаромада мерафтанд. Таваккалхоҷа аз нав бо тахтапушти худ ба об афтид. Дар айни ин гирудор тӯппии Асад аз сараш ба об ғалтида, монанди заврақча шино карда рафт. Онро ҳеҷ кас надид.

Ана, дар ҳамин вақт он чи Таваккалхоҷа метарсид, рӯй дод. Аспсавор аз кадом тараф омада мондани мироби колхозро ҳеҷ кас надониста монд. Мироб аввал бо тамоми овоз коҳ-коҳ зада хандид ва сонӣ бо ҷиддият гуфт:

— Тавакалхоҷа, ин чи бемаззагӣ! Ба ҷои он ки бачаҳоро аз лаби канал пеш кунӣ, то оббозӣ накунанд, худат намуна нишон медиҳӣ-а! Ба кӯр асо карда дар ҳамачо навишта мондаанд: «Дар канал оббозӣ кардан мумкин нест». Чашми мироб ногоҳ ба лавҳа афтод, ки дар он калимаи «нест»-ро бо лой пӯшонда руст кардаанд ва акнун ҳама мехонд: «Дар канал оббозӣ кардан мумкин».

— Ин ҳам ихтирои ту-мӣ? — пурсид мироб аз Таваккалоҷа лавҳаро нишон дода.

— Ман, ман духтарчаро халос кардам. Вай ба канал афтодааст...,— аз шарм суп-сурх шуда базӯр овоз бароварда Таваккалхоҷа.

— Ту ҳатто дурӯғро ҳам эб карда гуфта наметавонӣ. Роҳравон хобат бурда ба канал афтидагистӣ. Канӣ духтарча? Ту аввал ҳисоби худатро меёфтӣ, беҳтар мешуд. Ба худат туппа бурда наметавонию ба дигарон угробурририро ёд доданӣ-мӣ?

— Ман рости гапро мегӯям. Бовар накунед, ана, аз ин бачаҳо пурсед.

— Амаки Таваккалхоҷа рост мегӯянд.

— Агар ин кас намебуданд, духтарча мумкин ҳалок шавад буд.

Асаду Самад паси ҳам суханони Таваккалхоҷаро тасдиқ карданд.

— Ҳоло медали «Барои наҷот додани ғарқшудагон»-ро умедвор ҳастам гӯй-чӣ. Хайр, духтарча канӣ?

— Вай кайҳо рафт,— ҷавоб доданд бачаҳо.

— Набошад ту чаро намебароӣ? — ба Таваккалхоҷа мурочиат кард мироб.

— Аз ин ҷо баромада намешавад — нимғурма овоз бароварда Таваккалхоҷа.

— Ин тавр бошад,— гуфт мироб,— ман рафта ба Ҳасани ҳангома хабар медиҳам, омада ба ту дасти ёрӣ дароз кунад.

— Аз номатон мегардам, оқсақол,— ба тавалло даромад Таваккалхоҷа,— ин ҳодисаро вай муттаҳам нафаҳмад. Набошад, ба якто даҳто ҳамроҳ карда, паҳн мекунад.

— Агар як палави гӯшти қоқӣ пухта диҳӣ, ба касе намегӯям,-шарт гузошт мироб.

— Албатта. Як палав не, даҳ палав ман қарздор,— хурсандона ваъда дод Таваккалхоҷа. Дар дили ӯ умед пайдо шуд, ки «мироб одами нағз, мумкин ин сирро пинҳон дорад».

— Бечора Таваккалхоҷа, ҳар рӯз ба сари ту як фалокат меояд,— гӯён аз асп фаромад мироб.

Мироб ба лаби канал омада гуфт:

— Аввал, ана вай хати дар он тараф навиштаро шуста тоза кун.

Таваккалхоҷа рафта аз болои лавҳа лойро шуст.

— Акнун онро бо овози баланд хон, ки ин баҷаҳо ҳам шунаванд.

— «Дар канал оббозӣ кардан мумкин нест»- хонд Таваккалхоҷа.

— Акнун дастатро ба ман деҳ,— мироб хам шуда дасташро дароз кард. Азбаски пои Таваккалхоҷа ба ҳеҷ куҷо тиргак намешуд, вайро чун ҷуволи пурбори ба об ғалтида мироб бо як азобе аз канал кашида баровард.

— Раҳмат! — изҳори ташаккур кард Таваккалхоҷа.

Мироб хандида-хандида ба аспи худ савор шуда рафт. Таваккалхоҷа куртаи худро пӯшида чашмонашро песонда ба Асаду Самад рӯ овард.

— Ҳардуятон умуман, фалокат ҳастед. Дар куҷое ки бо шумо вохӯрам, як ҳодиса нашуда намемонад. Дар воқеъ пои маро баста гурехтагӣ ҳар дуи шумо не? — ӯ бо ду дасташ якбора ҳам аз гӯши Асаду ҳам аз гӯши Самад дошт.— Духтарчаро ҳам ба об тела додагӣ шумоҳо!

— Тавба кардем, амакҷон! — баробар ба тавалло даромаданд бачаҳо.— Духтарча худаш ғалтид. Бачаҳо тӯппии маро ҳам ба об партофтанд.

— Хайр,— гуфт гӯши Асаду Самадро сар дода Таваккалхоҷа.— Акнун тамом. Агар ин воқеаро ба касе нагӯед, аз гуноҳатон гузаштам. Ғайр аз ин яктогӣ бедона ҳам медиҳам.

— Аз ростӣ? — пурсиданд бачаҳо.

— Гапи мард якто! — Хитоб кард Таваккалхоҷа.

Бачаҳо шартро қабул намуданд ва аз хурсандӣ гум шудани тӯппиро ҳам фаромӯш карданд.

— Кай бедонаро медиҳед? — беқаророна пурсид Самад.

— Ҳамин шаб дом мемонам. Кур-курак, ки омад, бедона ҳам меояд. Ба даст, ки афтод, азони шумо.

Мо намедонем, ки Таваккалхоҷа ба аҳдаш вафо мекунад ё не. Чунки ӯ дар умраш ҳанӯз ягон бор дом монда, бедона надошта аст. Ҳар чи бошад ҳам, ба гапи Таваккалхоҷа барин як марди чилу панҷсола бовар накардан мумкин нест.




ОВОЗА. ТАШВИШ. ВОҲИМА

воза на пой дорад, ки давад ва на бол дорад, ки парад. Лекин вай аз даҳон ба даҳон бо болобандию обу ранги нав чунон зуд паҳн мешавад, ки ҳатто симҳои телефон ҳасад мебаранд.

Овоза аввал ба ҳаяҷон, сонӣ ба ташвиш ва баъд ба воҳима мубаддал мешавад. Одамоне ҳастанд, ки асли воқеаро дуруст нафаҳмида, аробаи хушку холиро гирифта мегурезанд ва гирду ҷонибро аз мағал пур мекунанд.

Бисьёр вақт сабабгори овоза, ташвиш ва ваҳму воҳима бачаҳо мешаванд.

Баъди он ки духтарча ба канал ғалтид, кампире аз бачаҳои ҳаросон гурехта истода пурсид:



— Чӣ гап шуд, чӣ гап шуд?

— Духтарча дар канал ғарқ шуд,— ҷавоб дод бачае.

Кампир «оҳ чи фалокат, чи рӯзи сахт» гӯён дар ҷояш нишаста монд. Як марди велосипедсавор сабаби нолаи кампирро пурсиду аз воқеа огоҳ шуда, ба магазини дар сари роҳ буда хабар дод:

— Медонед, дар канал як бача ғарқ шудааст, Ин хабарро як марди воҳимачӣ ба чойхона рафта, ба ранги дигар баён кард:

— Хозир хабар омад, ки як бачаро кушта ба канал партофтаанд.

Ҳамин тавр баъди ним соат касе намонд, ки ин хабарро нашунида бошад. Дар деҳа чанд сол боз чунин воҳима паҳн нашуда буд.

Ҳамаи падару модарон дар ҷустуҷӯи фарзандони худ шуданд.

Бо ранги парида модари Асад ба назди модари Самад рафт. Онҳо зуд ба ҷустуҷӯи фарзандони худ шитофтанд. Дар дах дақиқа аз ҳавлиҳои Боботоҳир то таги Шоҳтут ҳамаҷоро дида баромаданд. Аз бачаҳо нишоне набуд. Дили модаронро гургон тала мекарданд.

Ана, дар ҳамин асно посбони об дар сари дарғот тӯппии Асадро аз канал дошта, дар ин бора бо телефон ба идораи колхоз хабар дод.

Дар сари дарғот одамони бисьёре тӯппиро даст ба даст гирифта, гӯё аз он сирру асрори бузургеро кашф кардан мехостанд.

Баъд аз пурсуҷӯи бисьёре маълум шуд, ки Асад ва Самад ном бачаҳо гум шудаанд. Воҳима то рафт калон мешуд.

Телефонҳо беист занг мезаданд.

Трактортчиҳо моторро хомӯш карда ба сари вот мебаромаданд.

Магазинчиҳо савдоро бас карда ба гуфту гӯи одамон гӯш мекарданд.

Бухгалтеру ҳисобчиҳо чӯтзаниро қатъ карда, ба рӯи ҳамдигар нигоҳ мекарданд.

Велосипед, мотоцикл ва автомашинаҳои боркашу сабукрав ба тарафи канал мешитофтанд.

Шиновархои номвар чун ғаввосон худро ба канал мепартофтанд.


Чойхона ва ошхонаҳо дар як нафас аз одам холӣ шуданд.

Радиоузели колхоз концерти нисфирӯзиро қатъ карда паи ҳам такрор мекард: «Асад ва Самад ном писарчаҳои шашсола гум шудаанд. Дар кучое ки онҳоро бинед, зуд ба правленияи колхоз хабар диҳед.» Диктор либос ва нишонаҳои дигари Асаду Самадро як-як номбар мекард.

Раиси колхоз ба район телефон карда илтимос менамуд, ки ягон соат оби каналро хушк кунанд. Аз тахмин фалокате рӯй додагӣ барин.

Таваккалхоҷа ин хабарро вақте шунид, ки ба бошишгоҳи бригадаи худашон наздик расида буд. Ӯ аввал завқ карда хандид. «Бигзор, хуб кофта азоб кашанд, пас ёфта, нағзакак ҷазо медиҳанд. Ҳо, шайтонҳои дупо, имшаб падару модаронатон аз шумо қасоси маро мегиранд.»Лекин боз фикр кард: «баъди омадани ман ба канал даромада дар хақиқат ғарқ шуда бошанд-чӣ? «Онҳоро охирин бор кӣ дида буд» гуфта тафтиш кунанд-чӣ?

— Таваккалхоҷа, туро худо зад! — бо овози баланд гуфт ӯ худ ба худ ва тӯппиашро ба даст гирифта ба тарафи правленияи колхоз давид, вай ҳатто дар давидан аз як бачаи велосипедсавор, ки бо тамоми қувват пой мезад, пеш гузашт. Бача



бошад аз ақибмонии худ шарм дошта, зӯр зада ба Таваккалхоҷа расид. Ҳардуи онҳо гӯё мусобиқа карда бошанд, ҳаракат мекарданд, ки аз ҳамдигар пеш гузаранд.

Як одами калон бо як бача баробар давиданаш дар хақиқат хандаовар буд.

— Таваккалхоҷа девона шудааст, девона шудааст,-гуфт Ҳасани ҳангома ин манзараро дида.

Роҳгузарҳо ангушти ҳайрат ба лаб мебурданд.

Баъди чанд дақиқа овозаи нав паҳн шуд: Таваккалхоҷа девона шуда, аз паси велосипед, мотоцикл, автомашина ва сагу гурбаю муш медавидааст. Овозачиҳо бе болобандӣ гап зада наметавонанд.



КАЙФ-КАЙФИ АСАДУ САМАД

саду Самад, ки аз ҳамаи ин гиру дор хабаре надоштанд, дар наздикии станцияи насосии оббарорӣ ниҳоят хурсанд буданд. Онҳо нақшаи чанд-рӯзаи худро ба амал бароварда, аниқ муайян карда буданд, ки об аз кучо меомадааст.

Дар воқеъ об аз кучо меояд?

Баъди он, ки Таваккалхоҷа бо бачаҳо аҳдупаймон басту куртаашро хуб тоб дода хушк карда пӯшид, Асаду Самад лаб-лаби канал боз хеле роҳ рафта, ба як иморати калон рӯ ба рӯ шуданд. Аз даруни иморат садои мураттаби чарххҳои азамати машина ба гӯш мерасид. Ба воситаи се қубури калон, аз таги ин бино об мавҷ зада баромада, ба канал ҷорӣ мешуд. Дигар ба он тараф роҳ набуд.

— Ана об аз кучо меомадааст! — хитоб кард Асад.

Станция обро аз кучо меёфта бошад? — ҳайрон шуда пурсид Самад.

— Ин маълум,— гуфт Самад.— Вақте ки дар зимистон барфу борон меборад, вай онҳоро ҷамъ карда мемонаду сонӣ ҳаво гарм шавад, ба канал пуф карда бароварда фиристодан мегирад.

Аз ин кашфиёт ҳардуяшон хурсанд шуданд.

Акнун вақти ба хона баргаштан ҳам шуда буд.

Асаду Самад, дар онҷое ки чанде пеш духтарча ғарқ шуда буд, ба як гурӯҳ бачаҳои либосҳои озодаю сафед пӯшида вохӯрданд. Инҳо тарбиягирандагони боғчаи бачагони колхозӣ буданд, ки ба экскурсия мерафтанд. Як зани қоматбаланди зебое онҳоро ба гирди худ ҷамъ карда, савол медод:

— Канӣ кӣ мегӯяд, об аз кучо меояд?

Асаду Самад ин саволро шунида истода мон-
данд.

— Об аз ҷӯ меояд.

— Не, мо аз ҳавз мегирем.

— Сари об-канал.

— Об аз борон пайдо мешавад.

— Не, аз барф.

— Ёфтам, ёфтам, аз ях.

Бачаҳо чунон ки дар зимистон зоғчаҳо баробар овоз мебаророанд, чало-чулӣ карда, ҷавоб медоданд.

Мураббияи онҳо сари худро ҷунбонда бо табассуми ширин ҷавобҳоро рад мекард. Баъди он ки бачаҳо андак хомӯш шуданд, Асад ҷуръат карда ба мураббия рӯ овард:

— Мумкин-мӣ, ман ҷавоб диҳам?

— Майлаш,— гуфт мураббия ба тарафи Асад нигоҳ карда. Дар як нафас ҳамаи бачаҳо хомӯш шуданд.


— Об аз таги станция мебарояд.

— Станция барфу боронро дар зимистон ҷамъ карда мемонад,— илова кард Самад.

Дигар бачаҳо ба донишмандии Асаду Самад қоил шуда, ба онҳо бо чашми ҳасад нигоҳ мекарданд. Мураббия бошад, боз як табассум карду лаб кушод:

— Имсол бисьёрии шумо ба мактаб меравед ва кам-кам сирру асрори табиат, аз он ҷумла аз кучо омадани обро ҳам мефаҳмед.

Овози мотоцикл охири суханони мураббияро бурид. Ҳама ба тарафи мотоцикл нигоҳ карданд. Мотоцикл омада дар назди онҳо истод ва аз он



пеш аз ҳама Таваккалхоҷа фаромада, фарьёд кард;

— Ура! Ёфтем, ёфтем!

Дар як дақиқа Асаду Самадро озод бардошта, ба заврақчаи мотоцикл савор карданд ва худи Таваккалхоҷа аз пушти мотоциклрон ҷой гирифт. Мотоцикл зуд ба роҳ даромад. Агар Калта чаққонӣ карда ба бағали Асад ҷаҳида савор намешуд, маҷбур буд, пиёда ба хона равад.

— Ёфтем, ёфтем! — ба ҳар каси рӯ ба рӯ шуда фарьёд мекард Таваккалхоҷа. Асаду Самад ҳам чи будани гапро нафаҳмида дод мезаданд:

— Ёфтем, ёфтем!

Дар сари роҳ Таваккалхоҷа Ҳасани ҳангомаро дида, боз забонашро бароварда масхара кард.

Дар пеши магазин ва чойхона одамон ба онҳо чапак заданд. Асаду Самад гумон мекарданд, ки то ин вақт аз кучо омадани обро касе намедонисту инро бори аввал онҳо ёфтанд. Бинобар ин ҳама хурсанданд. Охир, қаҳрамонҳоро ҳамин тавр пешвоз мегиранд.

Бачаҳои кӯча рост истода мегуфтанд.

— Кайф, кайфи Асаду Самад.

Телефонҳо аз занг задан боз истоданд.

Мотори трактороҳо аз нав ба кор даромаданд.

Магазинчиҳо аз нав ба пушти пештахта гузаштанд.

Бухгалтеру ҳисобчиҳо боз чақар-чуқур ба чӯтзани сар карданд.

Шиноварҳо аз канал баромада либосҳои худро пӯшиданд.

Радиои колхоз боз ба концерт додан сар кард.

Модари Асад модари Самадро оғӯш карда оҳи сабук кашид. Раиси колхоз аз нав ба район теле-

фон карда, масъалаи хушк кардани оби каналро бекор кунонд.

Овоза, ташвиш, воҳима ба охир расид.

Ҳама хурсанд буданд. Фақат Асаду Самад барои худсарона ба ҷоҳои дур рафтанашон, аз падару модарони худ ҷазои сахт гирифтанд.

* * *

Баъди як ҳафтаи ин воқеа, дар арафаи соли нави таҳсил дар газетаи «Пионери Тоҷикистон» як хабарчае чоп шуд. Дар он Маҳбуба ном духтарча, воқеаи дар канал ғарқ шудани худро баён карда, чунин навишта буд; «Амаки Таваккалхоҷа, ба шумо раҳмати калон. Ман имсол ба синфи дуйӯм ба хондан меравам. Шумо одами хеле-хеле нағз будаед. Маро аз марг наҷот додед. Дар ҷавобаш ваъда медиҳам, ки фақат бо баҳои «5» хонам. Ба хонаи мо ба меҳмонӣ биёед. Мо дар деҳаи Бедзор зиндагӣ мекунем.

Бо салом Азизова Маҳбуба»

Ин сатрҳоро хонда дар чашми Таваккалхоҷа ашк пайдо шуд. Бори якӯм ӯ номи худро дар газета мехонд. Акнун Ҳасани ҳангома ҳақ надорад, ки ӯро масхара кунад!

Соли 1967.



144016
Китобхонаи миллии Точикистон

НАШРИЁТИ „ИРФОН“